آوازتاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

2 майи соли 2022
Душанбе
№ 36 (14841)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


# ТАБРИК БА МАРДУМИ ӮЗБЕКИСТОН БА МУНОСИБАТИ ИДИ РАМАЗОН

**Ҳамватанони азиз!**

Шумо, тамоми мусулмонони мамлакат, тамоми халқамонро бо иди шарифи Рамазон – Ид-ал-фитр самимона аз таҳти дил табрик намуда, ба ҳамаатон эҳтироми амиқ ва таманноҳои беҳтарин изҳор менамоям.

Дар ин рӯзҳои шариф ва дурахшон, вақте ки қалбҳоямон аз хушӣ лабрез мегардад, мо пеш аз ҳама Офаридгорро барои он ки ин ҷашни муқаддасро дар фазои сулҳу дӯстӣ ва мусолиҳа, дар давраи хонаводаи худ, якҷоя бо тамоми мардумамон пешвоз мегирем, шукрона мегӯем.

Хурсандиовар аст, ки ин ҷашн, ки онро мардумамон дар тӯли садсолаҳо чун арзиши маънавии бузург, рамзи некӣ, шафқат ва инсонпарварӣ қадр менамоянд, дар ҳаёти ҷамъиятамон ҷойгоҳи ҳарчи мустаҳкамтар ишғол менамояд.

Соли ҷорӣ иди Рамазон дар замони таърихӣ фаро мерасад. Дар асоси татбиқи Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав, ки дар худ ғояи **«Барои гиромидошт ва шарафи инсон»**-ро таҷассум менамояд, ислоҳоти доманфарохамон ба дараҷаи боз ҳам баланд мебарояд.

Тавре ки маълум аст, иди Рамазон мардумонро барои дар фазои дӯстӣ ва ҳусни тафоҳум, мусолиҳа ва ҳамкорӣ зистан ҳидоят менамояд, ки ин зуҳури дурахшони баланд бардоштани шаъну шарафи инсон аст.

Бешубҳа, ин ҳама аз ҷумла бо таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон дар ҷанбаи дин иртибот дорад. Солҳои охир дар мамлакат ҷиҳати эҳёи арзишҳои динӣ, омӯзиши мероси ғании илмиву маънавии халқамон корҳои бузург анҷом дода мешавад. Аз он ҷумла, ободонии чунин маконҳои муқаддас мисли қабрҳои ҳафт пири бузурги суфӣ дар Бухоро, мақбараи Имом Тирмизӣ дар вилояти Сурхондарё, маҷмӯъҳои ёдгории Абулмуин Насафӣ дар Қашқадарё ва Зангиато дар вилояти Тошканд, Султон Увайси Қаранӣ дар Намангон ва Сузукота дар шаҳри Тошканд чун далели равшани он аст.

Ҳоло ҳозир чун идомаи мантиқии корҳои некамон дар бобати сохтмон ва ободонӣ дар мадрасаи олии Мири Араби Бухоро, маҷмӯи ёдгории Имом Бухорӣ дар Самарқанд, Маркази тамаддуни исломӣ дар шаҳри Тошканд давом дорад.

**Ҳамватанони муҳтарам!**

Гунае, ки медонед, бинобар пандемияи коронавирус баъзе маҳдудиятҳо барои зиёрат, ҳаҷ ва умра маҳдуд гардида буд. Ба туфайли чорабиниҳое, ки андешида шуд, мо аз моҳи январи соли ҷорӣ зиёрати умраро барои шаҳрвандонамон барқарор намудем. Дар натиҷа дар муддати кӯтоҳи гузашта қариб 35 ҳазор нафар ҳамватанонамон тавонистанд тавофи Ҳаҷро анҷом диҳанд.

Аз иттилоъ расондан бахтиёр ҳастам, ки соли ҷорӣ инчунин имкони анҷом додани ҳаҷи муқаддас ба вуҷуд омад.

Воқеан ин боз як марҳамати Офаридгор ба ҳамватанонамон мебошад, ки бо шуҷоат ва бурдборӣ тамоми машаққат ва озмоишҳоро пушти сар намуданд.

**Дӯстони азиз!**

Имрӯз ҳамаи мо мебинем, ки дар ҷаҳон вазъият чӣ гуна зуд тағйир меёбад. Дар баъзе минтақаҳо низоъ ва муқовиматҳо зуд аланга мегиранд, ки баъдан онҳо барои сулҳ ва бехатарӣ хатари ҷиддӣ мегарданд. Ҳамаи ин дар назди мо вазифаҳои муҳим гузошта, даъват менамояд, ки ҳамеша ҳушёр ва баэътибор бошем.

**Дини муқаддаси мо даъват менамояд, ки мусулмони ҳақиқӣ бояд ҳамеша ба ҳар гуна озмоиш омода бошад ва инсонҳое, ки бо кирдори пок корҳои некро анҷом медиҳанд, албатта аз марҳамати илоҳӣ баҳраманд мегарданд.**

Ба ин маънӣ тақозои имрӯз дар мамлакат мустаҳкам намудани суботнокӣ, фазои эҳтиром ва мусолиҳа, ба арзишҳои миллии қадима ва куҳнанашаванда такя намуда, қатъиян пеш рафтан ба сӯи тараққиёт мебошад.

Мо бояд ҷавононеро тарбия намоем, ки умед ва ояндаи мо бошанд, дар асоси чунин сифатҳои мутаносиб аз лиҳози маънавӣ комил, қодири рақобат дар арсаи байналхалқӣ бошанд.

Танҳо бо чунин мақсадҳои дақиқ, ба шарофати ҷустуҷӯи ҳамешагӣ ва кӯшиш ба навгонӣ мо имрӯз нисбат ба дирӯз ба беҳтарин натиҷаҳо ноил гардида, фардо нисбат ба имрӯз боз ҳам натиҷаҳои баландро ба даст оварда, ҳаёти обод ва шукуфонро эҷод намоем.

**Мо ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки сармояи бузург дар ҷаҳон, ки ҳеҷ гоҳ арзиши худро аз даст намедиҳад, дониш ва тарбия ба шумор меравад.**

Анъанаҳои ғании миллии худ ва таҷрибаи муосири соҳаи таълими давлатҳои пешқадамро босамар истифода намуда, мо албатта ба қуллаҳои баланди муқаррарнамудаамон ноил мегардем.

Аз фурсат истифода намуда, тамоми мусалмонони хориҷии наздику дурро бо иди Рамазон табрик намуда, ба онҳо сулҳ, пешрафт ва шукуфоӣ орзу менамоем.

**Ҳамватанони азиз!**

Барои пурмазмун гузарондани ин рӯзҳои шариф дар ҳузури оила, маҳалла, шаҳр ва деҳот ба муносибати иди Рамазон дар мамлакат рӯзҳои истироҳат эълон гаштааст. Ин имконияти хуб аст, ки рӯзҳои ид падару модарон, онҳоеро, ки ба дастгирӣ эҳтиёҷ доранд, аёдат намуда, бо шахсони наздик меҳрубонӣ намоем.

Боварӣ дорам, ки шаҳрвандонамон дар ин корҳо, ки ба минбаъд беҳтар намудани муҳити иҷтимоиву маънавӣ дар ҷамъият, ҳамдастӣ бо ҳама, пеш аз ҳама бо ҷавонон дар масъалаи ишғол намудани ҷойгоҳи муносиб дар ҳаёт фаъолона ширкат хоҳанд кард.

Бори дигар аз таҳти дил, шумо тамоми халқамонро бо иди муқаддаси Рамазон, ки дар мамлакат васеъ ҷашн мегардад, табрик менамоям, ба ҳамаатон сулҳ, хушбахтӣ ва тандурустӣ, ба хонаводаҳоятон фаровонӣ ва фараҳмандӣ таманно дорам.

Бигзор ин ҷашни олиҷаноб қалбҳоямонро мунаввар созад!

Бигзор осмони Ватанамон осуда, ҳаёти халқамон шукуфон бошад!

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГИИ ДАСТГИРИИ МОДДИИ ҚИШРИ БА ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ МУҲТОҶИ АҲОЛӢ

Бо мақсади таъмини пайвастагии тадбирҳое, ки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, ҳифзи иҷтимоӣ ва таъминоти моддии шаҳрвандон, индексатсия кардани даромади онҳо вобаста ба сатҳи инфлятсия, инчунин таъмини миқдори пардохтҳои дахлдори иҷтимоӣ ба андозаи на кам аз арзиши хароҷоти ҳадди ақалли истеъмолӣ нигаронда шудааст:

1. **Аз 1 майи соли 2022** миқдори нафақа оид ба синну сол, ногироӣ ва бинобар ҳолати фавти саробон **12 фоиз** зиёд карда шавад.

2. Аз 1 майи соли 2022 дар ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон:

андозаи асосии ҳисоби нафақа – моҳе **324 000 сӯм**;

миқдори ҳадди ақалли нафақа бинобар синну сол – моҳе **633 000 сӯм**;

миқдори ҳадди ақалли нафақа бинобар ногироӣ, аз ҷумла нафақаи ногироӣ барои собиқаи нопурраи корӣ – моҳе **698 000 сӯм**;

миқдори кумакпулӣ бинобар ногироӣ, ки ба шаҳрвандони ғайриқобили меҳнат пардохта мешаванд ва кумакпулӣ ба шахсони аз кӯдакӣ ногиро – моҳе **698 000 сӯм**;

миқдори ҳадди ақалли нафақа, аз ҷумла иловапулӣ ба шахсоне, ки дар натиҷаи ҷанги солҳои 1941-1945 ногиро шудаанд ва иштирокчиёни он, инчунин барои собиқ асирони ноболиғи лагерҳои консентратсионии фашистӣ ва шахсоне, ки дар давраи муҳосираи шаҳри Ленинград кор кардаанд – моҳе **3 080 000 сӯм**;

миқдори нафақаи пиронсолӣ, ки ба миқдори андозаи муқарраршудаи ҳадди ақалли нафақаи бинобар синну сол (633 000 сӯм) то 698 000 сӯм нафақа мегиранд — моҳе **698 000** сӯм муқаррар карда шаванд.

3. Бо мақсади муайян кардани нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ ба андозаи на камтар аз арзиши хароҷоти ҳадди ақалли истеъмолӣ **аз 1 майи соли 2022** муқаррар карда шавад:

миқдори кумакпулӣ ба шаҳрвандони куҳансол, ки собиқаи зарурии корӣ надоранд, – моҳе **500 000 сӯм**;

миқдори ҳадди ақалли нафақа бинобар синну сол барои собиқаи кори нопурра бо назардошти пардохтҳои иловагӣ – моҳе **500 000 сӯм**;

миқдори кумакпулӣ барои як аъзои ғайриқобили меҳнати оилаи гирандаи кумакпулӣ ба муносибати гум кардани саробон – моҳе **500 000 сӯм** бо ба ҳар як аъзои минбаъдаи ғайриқобили кори чунин оилаҳо илова кардани **185 000 сӯмӣ**;

миқдори ҳадди ақалли нафақа барои як аъзои ғайриқобили меҳнати оилаи гирандаи нафақа аз рӯи гум кардани саробон – моҳе **500 000 сӯм** бо додани нафақа ба ҳар аъзои навбатии ғайриқобили меҳнати оила мувофиқи тартиби мавҷуда.

4. Бо мақсади дастгирии иловагӣ ва пешгирии бад шудани вазъи иҷтимоию иқтисодии оилаҳои ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷманд **маблағҳое, ки ба шаҳрвандон то 1 апрели соли 2022** бинобар нодуруст пешниҳод намудан ва ворид намудани маълумот оид ба таъини кумакпулӣ ва ёрии моддӣ тавассути системаи иттилоотии «Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ», инчунин сабабҳои техникӣ **зиёдатӣ дода шудаанд, аз ҳисоб бароварда шаванд**.

5. Хароҷоти вобаста ба зиёд намудани нафақа ва кумакпулӣ, ки аз ҳисоби Буҷети давлатӣ ва Фонди нафақаи ғайрибуҷетии назди Вазорати молия пӯшонда шавад.

(Давомаш дар саҳ.2).

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГИИ РАҒБАТНОКСОЗИИ РУШД ВА САНОАТИКУНОНИИ РӮЁНДАНИ КАВРАК ДАР ҶУМҲУРӢ

Бо мақсади нигоҳ доштан ва барқарор намудани захираҳои табиии кавраки худрӯй дар ҷумҳурӣ, ба вуҷуд овардани плантатсияҳои каврак бо роҳи парвариш, ташкили кооператсияи корхонаҳои коркард ва хоҷагиҳо, ҳавасмандгардонии коркарди ашёи хоми аз каврак гирифташуда ва содироти маҳсулоти тайёр ва нимтайёр, инчунин ба таври васеъ ҷалб намудани сармоя ба ин соҳа:

**1. Ба Кумитаи оид ба рушди кирмакпарварӣ ва саноати пашм** (минбаъд Кумита) оид ба таъмини рушди босуръати кавракпарварӣ **вазифаҳои иловагии зерин гузошта шаванд**:

мусоидат ба субъектҳои хоҷагидорие, ки дар заминҳои чарогоҳҳои ба Кумита тааллуқдошта фаъолият мекунанд, дар ташкили **нигоҳдорӣ, ҳифз, барқароркунии самарабахш ва зиёд кардани кавракҳои ёбоӣ**;

**мониторинги ташкили киштзорҳои зироати каврак**, ки ба шароити табиию иқлимии минтақаҳои ҷумҳурӣ мувофиқанд;

муҳайё кардани шароит дар минтақаҳои ҷумҳурӣ барои зиёд кардани ҳаҷми **коркарди саноатӣ ва ба сифати маҳсулоти тайёр содир кардани каврак**, инчунин васеъ намудани бозорҳои маҳсулот.

(Давомаш дар саҳ.2).



## ОБОДИЕ, КИ БА ДИЛҲО КӮЧИД

***Ҳашари умумхалқии хайриявие, ки рӯзи 30 апрел дар мамлакатамон таҳти шиори “Ободии маҳалла – фаровонии диёр” ташкил карда шуд, рӯҳбаландона ва бо савияи баланд гузашт.***

Дар арафаи Иди Рамазон ва 9 май – Рӯзи хотира ва қадр баргузор шудани ҳашари умумихалқии имсола маънои рамзии ба худ хос дорад. Зеро, эътибор ва ғамхорӣ ба калонсолон, саховат, мурувват, меҳру оқибат, ҳурмат ба вакилони насли калонсол сутуни фазилатҳои миллии халқи мо ҳисоб меёбад.

Ислоҳоти васеъмиқёсе, ки имрӯз дар мамлакатамон ба амал бароварда мешавад, бо боз ҳам баланд бардоштани қадри инсон, пурзӯрсозии иштироки фаъолонаи маҳаллаҳо дар он аҳамиятнок аст. Ҷиҳати ба амал баровардани Стратегияи давлатии рушди Ӯзбекистони Нав, ки барои солҳои 2022- 2026 пешбинӣ шудааст, дар Барномаи давлатии “Соли бузургдошти инсон ва маҳаллаи фаъол” аз рӯи ҳал кардани муаммоҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар ҳудудҳо масъалаи васеъсозии ваколати маҳаллаҳо, таъмини робитаҳои бевосита байни мақомоти давлатӣ ва маҳаллаҳо аҳамияти устувор касб менамояд.

Ташаббуси неки мазкур дар асоси ғояҳои муштараки Бунёди ҷамоатии хайрияи “Маҳалла”, Бунёди дастгирии фаъолияти иҷтимоии собиқадорони Ӯзбекистон “Нуроний”, вазоратҳои дастгирии маҳалла ва нурониён ва хидматрасонии коммуналии хонаву ҷой, Агентии кор бо ҷавонон, мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ, намояндагони васеи ҷомеа ташкил карда шуд. Он дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд бо корҳои тоза кардани атрофи мавзеъҳои истиқоматӣ, деҳаҳо, кӯчаву ҷӯйборҳо дар нуқтаҳои аҳолинишин, ба тартиб андохтани чаҳор самт аз пагоҳии барвақт авҷ гирифт.

Дар доираи лоиҳаи умумимиллии “Макони сабз” дар мавзеъҳои истиқоматӣ ва маҳаллаҳо шинондани гул,ниҳолҳои меваноку манзаравӣ, сафед кардани бехи дарахтон пеш бурда шуд. Иштирокдорони корҳои ободонӣ ва хуррамгардонӣ бо техникаи зарурӣ ва анҷомҳо таъмин карда шуданд. Маҳаллаҳо, нуқтаҳои аҳолинишин, биноҳои бисёрошёна, атрофи ҳавлиҳо, гузарҳо, хиёбонҳо, масканҳои муқаддас намуди дигар гирифтанд. Аз ҳоли оилаҳои ниёзманд, беморон, бесаробонҳо, мӯйсафедон хабар гирифта шуд. Барои ба тартиб андохтани манзили мӯйсафедони танҳо кумак расонда шуд.

– Бо баҳонаи ҳашар атрофи бисёр манзилҳои бисёрошёнаро тоза кардем, — мегӯяд раиси ҷамоати шаҳрвандони “Шайх-ул-олам”-и шаҳри Бухоро Моҳира Тошева. — Беморон, ногироҳо, солхӯрдагони яккаро хабар гирифтем. Ба онҳо кумаки мурувватангез расонда шуд.

Дар ҳашари хайрияи умумихалқӣ ба бештар аз 30 ҳазор нафар оилаҳои эҳтиёҷманд ва наздик 8 ҳазор нафар солхӯрдагони якка зиёда аз 14 миллиард сӯмина ёрии моддӣ расонда шуд. Дар доираи тадбири ҳашари хайрия манзили наздик 5 ҳазор нафар ҳамдиёронамон таъмир гашт.

Дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» низ корҳои самаранок пеш бурда шуданд. 1 миллион бех ниҳолҳои меваноку манзаравӣ, наздик 3 миллион дона гулу буттаҳо шинонда шуданд.

Дар доираи ҳашар зиёда аз 300 зиёратгоҳ, наздик 9 ҳазор қабристон ба тартиб дароварда шуд. Зиёда аз 10 ҳазор гектар майдони замин обод гардонида, бештар аз 2 ҳазор километр ҷӯй ва заҳбурҳо тоза карда шуданд.

Дар ҳашари умумихалқии хайрия зиёда аз 8 миллион нафар ҳамватанонамон ширкат ҷустанд.

Дар ҳашари умумихалқии хайрия дар кадом як гӯшаи мамлакатамон гузари нави маҳалла, поликлиникаҳои оилавӣ, объектҳои иҷтимоӣ, майдончаи бачаҳо, маҷмӯъҳои солимгардонӣ ба истифода супурда шуданд. Замон ҳар қадар бо шиддат тағйир наёбад, ҳашар, ҷашн боқӣ мемонад, ки халқи моро ба ҳамҷиҳатӣ, аҳлӣ, меҳру саховат, шукргузорӣ даъват менамояд. Дар асnoи ин гуна ташаббусҳои нек дар қалби ҳамдиёронамон боз ҳам мустаҳкамтар ҷой гирифтани ободӣ, мурувват, меҳр, хайрхоҳи накӯӣ будан барин эҳсос аниқ аст!

**Назокат УСМОНОВА,**
**мухбири ӮзА.**

**Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГИИ ДАСТГИРИИ МОДДИИ ҚИШРИ АҲОЛИИ БА ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ ВА КУМАК МУҲТОҶ

Бо мақсади ба сатҳи сифатан нави баланд бардоштани хидматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ, фароҳам овардани имкониятҳои васеъ барои мутобиқшавии иҷтимоии маъюбон дар ҷомеа, инчунин дастгирии минбаъдаи давлатии типи оилавӣ ва дигари алтернативии ҷойгиркунии кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастор:

1. Тартибе муқаррар карда шавад, ки тибқи он **аз 1 июли соли 2022**:

а) тартиби зерини **аз ҳисоби Буҷаи давлатӣ ба хонаҳои бачагони типи оилавӣ ҷудо кардани маблағ** ҷорӣ карда мешавад:

ҳангоми аз Буҷаи давлатӣ ҷудо кардани маблағ барои хароҷоти нигоҳ доштани хонаҳои бачагони шакли оилавӣ ба ҳар як тарбиягиранда, инчунин маблағи зарурӣ бо назардошти шумораи бачаҳо **ба картаҳои бонкии пластикӣ, ки ба номи волидон кушода шудааст, гузаронда мешавад**;

ба таркиби хароҷоти ҳармоҳае, ки аз ҳисоби Буҷаи давлатӣ барои ҳар як тарбиягирандаи хонаҳои бачагони типи оилавӣ маблағгузорӣ мешавад, инчунин **хароҷоти коммуналӣ ҳам ворид мегардад**;

б) пардохт барои хидматрасониҳои коммуналӣ, ки хонаҳои кӯдакони типи оилавӣ истеъмол мекунанд, **аз рӯи нархҳое, ки барои шахсони воқеӣ муқаррар карда шудаанд**, амалӣ гардонда мешавад;

в) **ба ставкаҳои асосии тарифии** коркунони техникӣ ва ёрирасони мактабҳои махсус ва мактаб-интернатҳо барои бачаҳои дар инкишофи ҷисмонӣ ва руҳӣ нуқсондошта, инчунин мактабҳои касбӣ барои бачагони маъюб **ба микдори 50 фоиз иловапулӣ дода мешавад**.

Вазорати маорифи халқ (Саидов Б.) якҷоя бо Вазорати молия:

дар муҳлати ду моҳ ба Девони Вазирон лоиҳаи қарори Ҳукуматро, ки тартиби аз Буҷаи давлатӣ ҷудо кардани маблағро ба хонаҳои бачагонаи типи оилавӣ муайян мекунад, бо тартиби муқарраргардида пешниҳод намояд;

инвентаризатсияи фонди китобхонаҳои мактабҳои махсус ва мактаб-интернатҳои бачагони дар инкишофи ҷисмонӣ ва руҳӣ нуқсдоштаро гузаронад, барои мунтазам бо адабиёти бадеӣ таъмин намудани ин муассисаҳо аз ҳисоби Фонди ҷумҳуриявии мақсадноки китоб **ҳар сол 5 миллиард сӯм ҷудо кунад**;

**давра ба давра** дар байни талабагони мактабҳои махсус ва мактаб-интернатҳо барои бачаҳои дар инкишофи ҷисмонӣ ва руҳиашон нуқсдошта **ташкил кардани олимпиадаҳои фаннӣ аз рӯи ҳамаи фанҳоро** таъмин намояд.

(Давомаш дар саҳ.2).

**Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## «ДАР БОРАИ ТАҶЛИЛИ ИДИ РАМАЗОН»

Ислоҳотҳои пураҳамият ва васеъмиқёсе, ки дар Ӯзбекистони Нав ба амал татбиқ мешаванд, ба таъмини ҳаёти фаровону осудаи халқамон, бузургдошти инсон ва таҳким бахшидани кафолати ҳуқуқи озодии виҷдони шаҳрвандон хидмат мекунанд.

Кулли муъмину мусалмонони кишварамон имсол низ моҳи муборакi Рамазонро дар шароити мусоиди фароҳамовардашуда бо кайфияти шукргузорӣ ба ҳаёти тинҷу осуда гузарониданд.

Дар ин рӯзҳои муборак, ки барои халқамон моҳи некӯкориву мурувват ва покшавии рӯҳӣ маҳсуб меёбад, бо иштироки уламо, имом-хатибон, собиқадорони муҳтарам, мӯйсафедон ва фаъолони маҳалла дар маҳалҳо беш аз 20 ҳазор чорабиниҳои маънавию маърифатӣ гузаронда шуд. Хусусан, дар доираи чорабиниҳои саховат аз ҳоли беш аз 100 ҳазор оилаи камтаъмин хабар гирифта шуда, ба онҳо кӯмаки иҷтимоӣ расонданд. Ин дар навбати худ ба аз ҳаёт розӣ ба сар бурдани ҳамватанонамон ва шукӯҳмандии иди Рамазон хидмат мекунад.

Ба мақсади ҳифз ва тарғиби анъанаву арзишҳое мисли хайру саховат, меҳру оқибат ва инсонпарварӣ, ки мазмуну моҳияти иди муборакi Рамазонро ташкил медиҳад, ҳамчунин дастгирии орзуву ниятҳои неки халқамон:

1. Бо назардошти қарори аз ҷониби Шӯрои уламои идораи мусалмонони Ӯзбекистон ба тасвиб расида, ки тибқи он дар соли равон рӯзи аввали иди Рамазон ба **2 май — рӯзи душанбе** рост меояд, дар мамлакатамон **2 майи** соли 2022 ба сифати иди Рамазон васеъ ҷашн гирифта шавад.

Барои маълумот гирифта шавад, ки бо Фармони рақами 131-ФП «Дар бораи ворид намудани дигаргуниҳо ба Фармони рақами 35-ФП Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, аз 20 декабри соли 2021 «Дар бораи муайян намудани рӯзҳои иловагии дамгирӣ дар давраи таҷлили санаҳои расмӣ дар соли 2022 ва кӯчондани рӯзҳои дамгирӣ» 3-4 майи соли 2022 ба сифати рӯзҳои иловагии истироҳат муайян карда шудааст.

2. Бо ҳамкории Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, Кумитаи оиди корҳои дини ҳокимияти вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, Вазорати дастгирии маҳалла ва собиқадорон, ҳамчунин созмонҳои ҷамъиятӣ барои тибқи анъанаҳои миллӣ ва динии халқамон гузарондани иди Рамазон чораҳои дахлдорро ба амал татбиқ намоянд.

Вазорати сайёҳӣ ва мероси фарҳангӣ якҷо бо Вазорати нақлиёт ба мақсади дар рӯзҳои иди муборакi Рамазон ташкили зиёрати ҳамватанонамон ба зиёратгоҳои муътабар ва ҷойҳои таърихӣ имконият ва шароити мусоид фароҳам оваранд.

3. Ба Ширкати миллии телевизиону радиои Ӯзбекистон, Агентии миллии ахбори Ӯзбекистон ва дигар расонаҳои ахбори оммавӣ тавсия дода шавад, ки чорабиниҳои вобаста ба таҷлили иди Рамазонро васеъ равшан намоянд.

4. Тибқи илова баъзе қарорҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз эътибор соқит дониста шаванд.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Н. Арипов ва мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон М. М. Камилов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ.**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*30 апрели соли 2022.*

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГИИ РАҒБАТНОКСОЗИИ РУШД ВА САНОАТИКУНОНИИ РӮЁНДАНИ КАВРАК ДАР ҶУМҲУРӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

2. Ба эътибор гирифта шавад, ки ба зиммаи Ассотсиатсияи рушди хоҷагиҳои чарогоҳӣ (минбаъд – Ассотсиатсия) оид ба рушди кавракпарварӣ **вазифаҳои иловагии зерин гузошта шудааст:**

**андешидани тадбирҳои мунтазам ва мақсаднок** оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, ки ба парвариш ва содироти каврак машғуланд, такмили заминаи қонунгузории соҳа, **баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва сифати маҳсулоти каврак;**

**гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ** бо мақсади васеъ намудани бозорҳои кавракҳои ба таври саноатӣ парваришшаванда, инчунин **таҳияи пешниҳодҳо оид ба зиёд намудани содирот**;

фароҳам овардани шароит **барои ҷалби мутахассисон ва сармоягузории хориҷӣ** ба соҳаи парвариши каврак;

**васеъ ҷорӣ намудани комёбиҳои илм** дар равандҳои зиёд кардани ҳаҷми парвариши каврак, аз ҳисоби кишт, азнавкоркарди амиқи он ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр;

**ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои соҳаи рӯёндани каврак ва иҷрои вазифаҳои дигари муқаррарнамудаи қонун тавассути ташкили ҳамкории шахсони воқеӣ ва корхонаҳои коркард дар равандҳои аз ҷамъоварӣ то коркард** ва содироти ашёи хоми техникии каврак.

3. Пешниҳоди Кумита, Ассотсиатсияи истеҳсолкунандагон ва содиркунандагони каврак ва Ассотсиатсияи рушди хоҷагиҳои чарогоҳ дар бораи ба Ассотсиатсияи рушди хоҷагиҳои чарогоҳ пайвастани Ассотсиатсияи истеҳсолкунандагон ва содиркунандагони каврак тасдиқ карда шавад.

**4. Нишондиҳандаҳои пешгӯии бунёди плантатсияҳои каврак дар чарогоҳҳо дар солҳои 2022-2026 мутобиқи замимаи №1 тасдиқ карда шаванд.**

Муовини Сарвазир Ш.М. Ғаниев, Кумита (Б.Қ. Шарифов), ҳокимиятҳои вилоятҳои Ҷиззах, Қашқадарё, Навоӣ, Самарқанд, Сурхондарё ва Фарғона иҷрои саривақтии нишондиҳандаҳои мазкури пешгӯиро бо ҷалби васеи субъектҳои соҳибкорӣ таъмин намоянд.

5. Кумита якҷоя бо Ассотсиатсия **дар муҳлати то 1 июни соли 2022** дар ҳудуди вилоятҳои Бухоро, Ҷиззах, Қашқадарё, Навоӣ, Самарқанд ва Сурхондарё, ки шароити мусоиди иқлимӣ доранд, барои парвариши каврак созмон додани кластерҳои парвариши кавракро (минбаъд — **кластерҳои парвариши каврак**) дар асоси ҳамкории корхонаҳои коркарди каврак, хоҷагиҳои (шахсони) ба ҷамъоварӣ ва парвариши каврак машғул ва хоҷагиҳои парвариши ниҳолҳои каврак таъмин намоянд.

6. Муайян карда шавад, ки кластерҳои кавракпарварӣ дар шароитҳои зерин ташкил карда мешаванд:

Ба имзо расондани шартнома байни Кумита, Ассотсиатсия ва ташаббускорон, ки дар он ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳо пешбинӣ шудааст;

ба зиммаи ташаббускорон оид ба самаранок истифода бурдан ва беҳтар намудани ҳолати чарогоҳҳо, нигоҳ доштан ва зиёд намудани он тавассути парвариши кавраки худрӯй, инчунин ҷамъоварӣ, коркард ва ба маҳсулоти тайёр табдил додани кавраки хом тавассути ҳамкории аъзоёни кластер ӯҳдадориҳо гузошта шавад.

Кумита барои ҷалби сармоягузорони эҳтимолӣ дар асоси талаботи зикршуда масъул аст.

7. Тартибе муқаррар карда шавад, ки тибқи он аз **1 майи соли 2022**:

а) дар заминҳое, ки дар ихтиёри доимии Кумита мебошанд:

**квотаҳо барои ҷамъоварии (ғункунии) кавракҳои ёбоӣ** аз ҷониби Кумитаи давлатии экология ва ҳифзи муҳити зист бо фармоиши Кумита барои пардохт дар асоси хулосаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон тасдиқ карда мешавад;

Кумита дар доираи ин квотаҳо **барои истифодаи махсуси** ашёи хоми кавраки худрӯй ва содироти кавраки худрӯй ба хориҷа **иҷозат** медиҳад. Дар баробари ин, иҷозат барои ҷамъоварӣ (ғункунӣ) ва содироти кавракҳои худрӯй ба хориҷа ба шарти бунёди плантатсияҳои зироат дар ҳаҷми **на камтар аз 50 фоизи** квота дода мешавад;

б) Кумита вазъи бозор ва хароҷоти истеҳсоли маҳсулоти кавракро таҳлил мекунад, **ҳаҷми содиротро назорат мекунад ва барои зиёд кардани ҳаҷми истеҳсол ва содироти ин маҳсулот масъул аст**.

Кумита **якҷоя** бо Кумитаи давлатии экология ва муҳити зист бо назардошти талаботи банди мазкур **дар муҳлати як моҳ** ба Девони Вазирон дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон **"Дар бораи ҳифз ва истифодаи олами наботот"** пешниҳод тақдим намояд.

Ҳамзамон, ҷиҳати ҳифзи растаниҳои худрӯй, барқарор ва васеъ намудани саршумори онҳо, инчунин пешгирии ҷамъоварии ғайриқонунии ин гиёҳҳо низ тадбирҳо пешбинӣ шудаанд.

Кумитаи давлатии экология ва ҳифзи муҳити зист якҷоя бо Академияи илмҳо тасдиқи **квотаҳоро барои ҷамъоварии** (ғункунии) **кавраки худрӯй** бо фармоиши Кумита **дар соли 2022 – то 10 май**, аз соли 2023 – ҳар сол то 1 феврал таъмин намояд.

8. Ба таклифҳои Кумита ва Ассотсиатсия оид ба инҳо розигӣ дода шавад:

а) зиёд намудани **маблағи хироҷ, ки аз шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони ҳуқуқӣ** барои истифодабарии каврак дар заминҳои дар ихтиёри доимии Кумита қарордошта **ситонда мешаванд**:

**чор баробар** — барои як килограмм **шарбати каврак (ширеше)**, ки ба «Китоби сурхи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» дохил нашудааст;

**ду маротиба** — барои як килограмм **шарбати каврак (ширеше)**, ки ба «Китоби Сурхи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» дохил карда шудааст;

б) нигоҳ доштани маблағҳое, ки **аз шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ситонида мешаванд ва мутаносибан барои истифодабарии каврак мувофиқи тартиби мавҷуда тақсим карда мешаванд**;

в) гузаронидани маблағҳое, ки аз пардохти барои истифодаи каврак ситонда шудаанд, мувофиқи банди мазкур **баланд бардошта мешаванд**, ба ҳисобсурати махсуси Фонди рушди қарокӯлпарварӣ, **равона намудани 50 фоизи ин маблағ ба Фонди рушди ноҳияи Мӯйноқи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва 50 фоизи ин маблағро дар Фонди рушди қарокӯлпарварӣ гузоштан**.

9. Муқаррар карда шавад, ки маблағҳое, ки аз ситондани пардохти барои истифодабарии каврак зиёдшуда ба даст меоянд, Фонди рушди қарокӯлпарварӣ ба инҳо равона мекунад:

додани субсид ба иштирокчиёни кластерҳои парвариши каврак барои сохтмон ва реконструксияи нави чоҳҳои шахтагӣ ва амудӣ, инчунин стансияҳои насосии обкашӣ дар минтақаҳо;

додани субсид барои пӯшонидани як қисми хароҷоти тайёр кардани замин барои зироати кишоварзӣ, харидан ва шинондани ниҳолҳои каврак;

додани субсид ба субъектҳои соҳибкорӣ, ки бо парвариши каврак машғуланд, барои ҷорӣ кардани технологияҳои нави замонавӣ, ғояҳои инноватсионӣ ва коркардҳо;

мустаҳкам намудани базаи моддию техникии Кумита, ҳавасмандгардонии моддию иҷтимоии кормандон.

Кумита бояд дар муҳлати ду моҳ тартиби додани субсид ба субъектҳои хоҷагидориро, ки бо парвариши каврак машғуланд, тартиб дода, ба Девони Вазирон пешниҳод намояд.

10. Муайян карда шавад, ки:

а) **аз 1 майи соли 2022 барои се сол:**

ставкаҳои **андози даромад, андоз аз амвол, андози замин ва андоз барои истифодаи захираҳои об**, ки аз субъектҳои хоҷагидоре, ки даромадашон аз парвариши каврак дар охири давраи ҳисоботӣ (андоз) на камтар **аз 80 фоизи** ҳаҷми умумии даромадро ташкил медиҳад, ба андозаи **50 фоиз** дода мешавад;

ашёи хом, масолеҳ ва лавозимоте, ки дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон истеҳсол намешаванд, бинобар рӯйхати ба тартиби муқаррааргардида аз ҷониби корхонаҳое, ки ба парвариши каврак ва коркарди ашёи хоми он машғуланд, ташаккулшаванда аз хориҷ ворид карда мешаванд, аз пардохти боҷҳои гумрукӣ озод карда мешаванд. Дар айни ҳол хулосаи экспертӣ дар бораи истеҳсоли молҳои содиршаванда дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз ҷониби КВД-и «Маркази экспертизаи маҷмӯгии лоиҳаҳо ва қарордодҳои воридотӣ»-и назди Вазорати рушди иқтисодӣ ва коҳиш додани камбизоатӣ дода мешаванд;

б) Кумита якҷоя бо Ассотсиатсия ба ҳаҷми содироти маҳсулоти пашм ва каврак (кодҳо ТН ВЭД 5101—5109, 5602, 570110, 5701109, 1301 90 0000) назорат карда, барои зиёд кардани ҳаҷми содироти ин маҳсулот тадбирҳо меандешад.

11. Ба пешниҳоди Кумитаи давлатии экология ва ҳифзи муҳити зист, Кумита ва Ассотсиатсия дар бораи аз **1 майи соли 2022 ба муҳлати 5 сол** боздошта додани иҷозатнома барои содироти тухмии каврак аз ҷумҳурӣ розигӣ дода шаванд.

12. Кумита **дар муҳлати як моҳ** якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор дар бораи фароҳам овардани шароит барои ҷамъоварии шарбати каврак ва тухмии каврак аз ҳисоби кластерҳо дар ҳудудҳои ҳамшафати сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон пешниҳод тақдим намояд.

13. Пешниҳоди Кумита, Вазорати молия ва Вазорати шуғли аҳолӣ ва муносибатҳои меҳнатӣ дар бораи:

ба Рӯйхати корҳои мавсимӣ ва соҳаҳои мавсимии истеҳсолот, ки меҳнат дар давоми мавсими пурра ба собиқаи корӣ барои таъини нафақа барои соли кор, ки бо санадҳои қонунгузорӣ тасдиқ шудааст, ба ҳисоб гирифта мешавад, дохил намудани коргарони мавсимӣ, ки дар субъектҳои низоми Ассотсиатсия фаъолият мекунанд;

дар давраи **аз 1 июли соли 2022 то 1 январи соли 2025** ситонидани андози иҷтимоӣ ба андозаи 1 фоиз барои коргарони мавсимӣ, ки дар субъектҳои низоми Ассотсиатсия кор мекунанд.

Девони Вазирон **дар муҳлати як моҳ** ба Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис лоиҳаи қонунро дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки аз сархатти сеюми банди мазкур бармеоянд, тақдим намояд.

14. Кумита якҷоя бо Кумитаи давлатии экология ва ҳифзи муҳити зист, Прокуратураи генералӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ ҷиҳати ҳифзи кавракҳои ёбоӣ, барқарор ва васеъ намудани саршумори он, инчунин пешгирии ҷамъоварии ғайриқонунии каврак чораҳо андешад.

15. Ба баъзе қарорҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон мутобиқи замимаи № 2 тағйироту иловаҳо ворид карда шаванд.

16. Мутобиқи замимаи № 3 баъзе санадҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз эътибор соқит дониста шаванд.

17. Кумита **дар муддати ду моҳ** якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор ба Девони Вазирон дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, ки аз Фармони мазкур бармеоянд, таклифҳо пешниҳод кунад.

18. Ба зиммаи раиси Кумитаи рушди кирмакпарварӣ ва саноати пашм Б.Қ.Шарифов масъулияти шахсӣ барои ташкили иҷрои Фармони мазкур гузошта шавад.

Дар ҳар се моҳ муҳокима кардани рафти иҷрои Фармони мазкур, таъмин кардани мутобиқат ва назорати фаъолияти идораҳои барои иҷрои он масъул ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш.М. Ғаниев гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш.МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*27 апрели соли 2022.*

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГИИ ДАСТГИРИИ МОДДИИ ҚИШРИ АҲОЛИИ БА ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ ВА КУМАК МУҲТОҶ

(Аввалаш дар саҳ.1).

2. Ба эътибор гирифта шавад, ки:

дар натиҷаи якҷо бо созмонҳои байналмилалии ғайридавлатию ғайритиҷоратӣ дар соли 2021 барои кӯдакони шунавоиашон суст, ки дар муассисаҳои таълимии тахассусӣ таҳсил мекунанд, интиқол додани **4 ҳазор адад дастгоҳи муосири шунавоӣ** бо мақсади мусоидат намудан ба мутобиқшавии кӯдакони дорои нуқсони шунавоӣ ба ҳаёти муқаррарӣ қобилияти шунавоии онҳо беҳтар гардид, дараҷаи азхудкунии фанҳои таълими ҳамагонӣ баланд шуд;

дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои Қашқадарё, Навоӣ ва Тошканд **яктогӣ ташкилоти серсоҳаи махсуси таълими томактабии "Имкон"**, ки имконияти расондани хидматро оид ба офият дар баробари додани таълим ба бачаҳои ногирои синну соли томактабӣ дорад, ташкил карда шуд.

Агентии рушди хидматрасонии тиббию иҷтимоӣ (А. Инаков), Вазорати таълими халқ (Б. Саидов), Вазорати тандурустӣ (Б. Мусаев) ва Вазорати молия (Т. Ишметов) муассисаҳои таълимӣ барои кӯдакони шунавоиашон сустро то охири соли 2022 **пурра** бо асбобҳои муосири шунавоӣ **таъмин намояд** ва **аз соли 2023** ба таври мунтазам бо назардошти эҳтиёҷот таҷрибаи харидорӣ намудани дастгоҳҳои шунавоии замонавиро **ҷорӣ кунад**.

Девони Вазирон оид ба дар солҳои 2023-2025 дар 10 вилояти боқимонда ташкил кардани **марказҳои тавонбахшии ташкилотҳои таълими томактабии бисёрсоҳаи махсуси** «Имкон» ва ба ин муассисаҳои фаро гирифтани кӯдакони ногирои синни томактабӣ чораҳо андешад.

3. Муқаррар карда шавад, ки:

а) кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастори волидайн монда ҳангоми ба номи худ расмигардонии манзили барояшон аз ҷониби давлат аз бозори дувум харидшуда, дар асоси моликият **аз пардохти боҷи давлатӣ барои хизматрасонии нотариалӣ ва кадастр** (шартномаи хариду фурӯш ва бақайдгирии давлатии объектҳои амволи ғайриманқул) озод карда мешаванд;

б) амалияи ҷудо кардани маблағ ба донишҷӯёни ятим ё бепарастор барои харидани озуқаворӣ, сару либос ва асбобу анҷоми санитарию гигиенӣ дар мактабҳои таълими олии давлатӣ, инчунин, **ба донишҷӯёни муассисаҳои таълими олии ғайридавлатӣ татбиқ карда мешаванд**.

Дар баробари ин, маблағҳо барои ин мақсадҳо дар захираҳое, ки дар параметрҳои буҷети давлатӣ барои Вазорати таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус ҷудо карда шудаанд, пешбинӣ гардида, бо дархости муассисаҳои таҳсилоти олии ғайридавлатӣ ҷудо карда мешаванд;

в) **аз 1 июни соли 2022** ба маъюбоне, ки дар мономаркази «Ишга марҳамат» дар заминаи таълими инклюзив ба касбу ҳунар тайёр карда мешаванд, дар баробари кумакпулии маъюбият, **инчунин ҳар моҳ ба андозаи дукаратаи маблағи ҳисобкардаи базавӣ аз ҳисоби Фонди давлатии мусоидат ба шуғл стипендия дода мешавад**.

4. **Аз 1 майи соли 2022** тартиби ба шаҳрвандони пиронсол ва ғайриқобили меҳнате, ки **дар хонаҳои «Саховат» зиндагӣ мекунанд**, собиқаи зарурии корӣ надоранд, ҳармоҳа пардохтани ба андозаи 20 фоизи нафақаи дахлдор барои хароҷоти шахсӣ **ҷорӣ карда шавад**.

5. Пешниҳоди Агентии рушди хидматрасонии тиббию иҷтимоӣ, Вазорати молия, Иттиҳодияи собиқадорони ҷангӣ ва ногироҳои Ӯзбекистон «Veteran» дар бораи таъмини **собиқадорони ҷангчии ногиро, ки дар ҷанги Афғонистон иштирок кардаанд, бо маснуоти** дахлдори замонавии **протезию ортопедӣ**, ки аз рӯи ченакҳои инфиродӣ тайёр карда шудаанд, тасдиқ карда шавад.

Агентии рушди хидматрасонии тиббию иҷтимоӣ (А. Инаков), Иттиҳодияи собиқадорони ҷангӣ ва ногироҳои Ӯзбекистон «Veteran» дар давоми ду моҳ **нақша-ҷадвали** таъмини собиқадори ҷангчии ногироро, ки дар ҷанги Афғонистон иштирок кардаанд, бо маснуоти протезию ортопедӣ **таҳия ва тасдиқ намояд**.

Вазорати молия (Т. Ишметов) аз Буҷети давлатии дар соли 2022 барои чорабиниҳои дар ҳамин банд пешбинишуда тибқи ҳисобҳои асоснoки Агентии рушди хидматрасонии тиббию иҷтимоӣ маблағҳои иловагӣ ҷудо намояд.

6. Муқаррар карда шавад, ки **аз 1 январи соли 2023 тартиби дар ҳар ду сол аз нав ҳисоб кардани** андозаи нафақаи маъюбӣ бо назардошти собиқаи кор ва музди меҳнат барои шаҳрвандоне, ки баъди таъини нафақаи маъюбии гурӯҳҳои I ва II кор кардаанд, ҷорӣ карда мешавад.

Вазорати молия (Т. Ишметов) якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор дар муҳлати се моҳ ба Девони Вазирон ба тартиби муқаррааргардида лоиҳаи қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон "Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон "Дар бораи таъминоти давлатии нафақаи шаҳрвандон"-ро бинобар ҷорӣ кардани тартиби дар банди мазкур зикршуда ворид намояд.

7. Муқаррар карда шавад, ки аз 1 январи соли 2023 низоми **ҷудо кардани субсидияҳои давлатӣ** ба воҳидҳои ҳудудии **Ҷамъияти маъюбони Ӯзбекистон, Ҷамъияти нобиноёни Ӯзбекистон, Ҷамъияти ношунавоҳои Ӯзбекистон, инчунин Ассотсиатсияи ногироҳои Ӯзбекистон** аз ҳисоби фондҳои ҷамъиятии дастгирии созмонҳои ғайридавлатию ғайритиҷоратӣ ва институтҳои дигари ҷамъияти шаҳрвандии назди Ҷоқарғи Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, Шӯроҳои депутатҳои халқи вилоятҳо ва шаҳри Тошканд (минбаъд – фондҳои ҳудудии ҷамъиятӣ) ҷорӣ карда мешавад.

Пешниҳоди Ҷамъияти маъюбони Ӯзбекистон, Ҷамъияти нобиноёни Ӯзбекистон, Ҷамъияти ношунавоҳои Ӯзбекистон ва Ассотсиатсияи маъюбони Ӯзбекистон дар бораи ҷорӣ намудани амалияи ба воҳидҳои ҳудудӣ аз 1 январи соли 2023 **дар ҳар семоҳа пешниҳод кардани ҳисобот мутаносибан дар назди Ҷоқарғи Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, Шӯроҳои депутатҳои халқи вилоятҳо, шаҳри Тошканд, ноҳияҳо (шаҳрҳо)** дар бораи натиҷаҳои корҳои оид ба тавонбахшии шахсони ногиро дар ҳудуди дахлдор, ба онҳо расондани кумаки иҷтимоӣ, мусоидат дар пайдо намудани ҷойи худ дар ҷомеа анҷомдодашуда маъқул дониста шавад.

Ба Комиссияи парлумонӣ оид ба идоракунии маблағҳои Фонди ҷамъиятии дастгирии созмонҳои ғайридавлатию ғайритиҷоратӣ ва институтҳои дигари ҷамъияти шаҳрвандии назди Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон тавсия дода шавад, ки бо мувофиқа бо Вазорати молия, Вазорати шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ дар муддати ду моҳ **меъёрҳои штатӣ ва миқдори музди меҳнати тавсияшавандаи** зершӯъбаҳои ҳудудии Ҷамъияти маъюбони Ӯзбекистон, Ҷамъияти нобиноёни Ӯзбекистон, Ҷамъияти ношунавоҳои Ӯзбекистон, инчунин Ассотсиатсияи ногироҳои Ӯзбекистонро **тасдиқ намоянд ва то ба фондҳои ҳудудии ҷамъиятӣ расонанд**.

Вазорати молия аз соли 2023 сар карда барои фондҳои ҳудудии ҷамъиятӣ ҷудо кардани маблағҳои дахлдори дар буҷаҳои маҳаллии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд пешбинишударо таъмин намояд.

8. Таклифи Вазорати молия, Вазорати маорифи халқ, Агентии оид ба рушди хидмати тиббию иҷтимоӣ дар бораи ҷудо кардани **600 миллиард** сӯм барои сохтмон, таъмир ва таҳкими базаи моддию техникии муассисаҳои давлатии иҷтимоӣ дар солҳои 2022-2023 маъқул дониста шавад.

Вазорати рушди иқтисод ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ (А. Бобоев):

якҷоя бо Вазорати молия, Вазорати таълими халқ, Агентии рушди хидматрасонии тиббию иҷтимоӣ дар муддати ду моҳ барномаи мақсадноки сохтмон, таъмир ва таҳкими пойгоҳи моддию техникии муассисаҳои давлатии иҷтимоиро дар солҳои 2022-2023 таҳия намояд ва барои тасдиқ ба Девони Вазирон тақдим созад;

амалӣ гардондани сохтмон, таъмир ва таҳкими пойгоҳи моддию техникиро дар доираи Барномаи рушди инфрасохтори иҷтимоии Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои соли 2023 ба тартиби муқаррааргардида таъмин намояд.

Вазорати молия (Т. Ишметов) барои таъмири ҷорӣ ва таҷҳизонидани муассисаҳои давлатии иҷтимоӣ аз ҳисоби маблағҳои бинобар прогнозҳо дар охири сол сарфашуда, ки дар параметрҳои Буҷаи давлатӣ дар соли 2022 барои маблағгузории барномаҳои бо манзил таъмин кардани аҳолӣ пешбинӣ шудааст, **150 миллиард сӯм ҷудо кунад, дар соли 2023** — дар доираи Барномаи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ барои **соли 2023** ба тартиби муқаррааргардида корҳои сохтмону таъмирро ба назар гирад.

9. Вазорати молия (Т. Ишметов) барои маблағгузории хароҷоти вобаста ба татбиқи тадбирҳои пешбининамудаи ҳамин қарор аз ҳисоби Буҷаи давлатии ҷудо кардани маблағҳоро бинобар ҳисоби асоснок таъмин намояд.

10. Ба зиммаи вазири молия Т. А. Ишметов, директори Агентии рушди хидматрасонии тиббӣ ва иҷтимоӣ А. Қ. Инаков, вазири маорифи халқ Б. О. Саидов ва вазири тандурустӣ Б. А. Мусоев масъулияти шахсӣ барои ташкили самараноки иҷрои қарори мазкур гузошта шавад.

Баррасии рафти иҷрои қарори мазкур, мутобиқсозӣ ва назорати фаъолияти идораҳои ба иҷрои он масъул ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ҷ. А. Қӯчқоров ва мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. А. Абдувахитов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*29 апрели соли 2022.*

# МЕҲМОНОН АЗ МАҲАЛҲОИ ВИЛОЯТ ВА КОРХОНАҲОИ ВИЛОЯТ БОЗДИД КАРДАНД

**Чанде пеш дар шаҳри Фарғона гурӯҳи Ҳамоҳангсозони миллии давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай нишасти навбатии худро баргузор намуд. Дар ин бора дафтари матбуоти ҳокимияти вилоят хабар дод. Бино ба ин манбаъ дар нишасти мазкур масъалаи тайёр ва дар сатҳи баланд баргузор кардани мулоқоти сарони давлатҳои узви СҲШ дар шаҳри Самарқанд ба таври васеъ муҳокима гардид, ки моҳи сентябри соли равон таҳти раёсати Ӯзбекистон баргузор мешавад.**



– Алгоритми талошҳои раёсати Ӯзбекистон хеле босамар таълиф шудааст ва он дар вақти муқарраршуда ба анҷом мерасад. Аз вохӯрии коршиносон то мулоқотҳои вазирон ҳамаи чорабиниҳо аз нигоҳи мазмун ва мундариҷа дар савияи баланд сурат мегиранд,– мегӯяд ҳамоҳангсози миллӣ аз Қазоқистон Алӣ Ерлик.

Ба ақидаи ҳамоҳангсози миллии Қирғизистон Қозибек Кӯчқонов Ӯзбекистон ҳамеша дар иҷрои кору вазифаи бардӯшгирифтааш эҳсоси масъулият менамояд ва онро хеле хуб анҷом медиҳад.

– Чорабиниҳое, ки дар Нукус, Бухоро ва Фарғона ташкил карда шуд, ба ин гуфтаҳои ман мисоли равшан шуда метавонанд. Зеро ин чорабиниҳо дар сатҳи баланд ба вуқӯъ пайваст. Гуфтанист, ки Ӯзбекистон дар минтақаҳо амалиёти баргузор намудани як қатор чорабиниҳоро ҳусни оғоз бахшид. Ин шаҳодат медиҳад, ки вакилони давлатҳои СҲШ дигаргуниҳои васеъмиқёсро бо чашмони сар бинанд, ки таҳти сарварии Шавкат Мирзиёев пиёда мегардад. Дар Фарғона низ моро хеле хуб истиқбол намуданд, – изҳор намуд Қозибек Кӯчқонов.

Аҳмад Саидмуродзода ба ҳайси ҳамоҳангсози миллии Тоҷикистон дар ин гурӯҳ муътақид аст, ки бархӯрд ва муносибати ҷиддии Ӯзбекистон ҳамчун раиси давравии он боиси таҳсин хоҳад буд.

Баъди анҷоми мулоқот ва гуфтугӯҳои расмӣ аъзои гурӯҳи Ҳамоҳангсозони миллӣ аз ҷойҳои таърихиву фарҳангии вилоят боздид карданд. Зимни ташриф ба шаҳри Кӯқанд дар Ӯрдаи Худоёрхон, ки аз бузургтарин ёдгории таърихиву фарҳангии ин шаҳр маҳсуб меёбад, ба онҳо тамошои ашёи намоишӣ таассуроти амиқ гузошт.

Ҳар меҳмоне, ки ба вилояти Фарғона ташриф меоварад, ҳатман аз корхонаи хусусии "Меҳригиёҳ", воқеъ дар ноҳияи Учкӯприк, инчунин майдонҳои доманфарохи алафҳои дорувории он ва растаниҳои гуногун боздид мекунад. Ин меҳмонон низ баъди тамошои киштзорҳои лаванда, годҷӣ, папая, мушмула, қаҳва ва дарахтони кивӣ ва банан ба ҳайрат афтоданд. Онҳо бо чашмони худ медиданд, ки аз гиёҳҳо чӣ гуна дорувор ва воситаҳои барқароркунандаи саломатии инсонро моҳирона тайёр мекунанд.

Дар ноҳияи Риштон корхонаи "Р+Корон", ки ба он соҳибкори варзида Равшан Тоҷиддинов раҳбарӣ мекунад, дар айни ҳол бо истеҳсоли бештар аз 500 номгӯй маҳсулоти баландсифати худ маъруфият пайдо кардааст. Ин корхона дорои осорхонаи худ низ мебошад, ки тамошои он дар Ҳамоҳангсозони миллии давлатҳои узви СҲШ таассуроти хуб боқӣ гузошт.

Ба гуфтаи Равшан Тоҷиддинов маҳсулоти кулолгарии корхонаи ӯ ба Юнон, Фаластин, Туркия ва як қатор мамлакатҳои ИДМ содир мегардад.

Маркази ҳунармандони шаҳри бостонии Марғилон низ меҳмононро хеле хуш пазируфт. Онҳо бо ҷараёни кори дастгоҳҳои ин марказ ва бо маҳорати хос бофтаву тайёр шудани атласу адрас, қолину қолинчаҳои пахтагину абрешимиро тамошо карданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**"Овози тоҷик".**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГИИ ДАСТГИРИИ МОДДИИ ҚИШРИ БА ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ МУҲТОҶИ АҲОЛӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

6. Вазорати молия (Т. Ишметов):

қабули арзиши хароҷоти ҳадди ақалли истеъмолиро ҳангоми таъини кумакпулии кӯдакон ва кумаки моддӣ ба оилаҳои камбизоат тавассути системаи иттилоотии «Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ» ба сифати маҳак, инчунин ҷудо намудани маблағҳои иловагиро аз Буҷети давлатӣ ба вобаста ба афзоиши шумораи гирандагони ин пардохтҳо таъмин намояд;

**ба муҳлати то 1 ноябри соли 2022** ба Девони Вазирон лоиҳаи қонунро оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи таъминоти давлатии нафақаи шаҳрвандон» тақдим намояд, ки ҷорӣ кардани низоми азнав ҳисобкунии (афзоиши) миқдори нафақаҳои давлатиро дар сатҳи инфлятсияи ҳарсола пешбинӣ менамояд.

7. Ба баъзе ҳуҷҷатҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон мувофиқи замима тағйироту иловаҳо ворид карда шаванд.

8. Вазорати молия, Агентии миллии ахбори Ӯзбекистон, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон, Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ корро оид ба дар воситаҳои ахбори оммавӣ, шабакаҳои Интернет ва иҷтимоӣ васеъ равшан намудани мақсаду вазифаҳои Фармони мазкур ва натиҷаҳои пешбинишуда ташкил намоянд.

9. Вазорати молия якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор дар муҳлати ду моҳ ба Девони Вазирон дар бораи тағйироту иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, ки аз қарори мазкур бармеоянд, таклифҳо пешниҳод намояд.

10. Ба зиммаи вазири молия Т.А. Ишметов масъулияти шахсӣ барои ташкили самараноки иҷрои Фармони мазкур гузошта шавад.

Баррасии рафти иҷрои Фармони мазкур, мутобиқгардонӣ ва назорати фаъолияти ташкилотҳои барои иҷрои он масъул ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон Д.А.Қӯчқоров гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ.**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*29 апрели соли 2022.*

Дар диёрамон аз қадимулайём алломаву мутафаккирони зиёде ба камол расида, фаъолияти худро пеш бурдаанд. Ба вижа, дар ин сарзамини табаррук дар асрҳои миёна садҳо бузургон пурсамар меҳнат карда, бо бозёфт ва таълимоти худ аҳли оламро дар ҳайрат гузоштаанд. Дар ин силсила Абўмансур Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Ҳанафӣ ас-Самарқандӣ, яке аз поягузорони илми илоҳиёт, ҷойгоҳи хоса дорад.

Ў соли 870 (256 ҳиҷрӣ) – дар соли вафоти султони илми ҳадис Имом Бухорӣ ба дунё омад. Дар маъхазҳо низ дар бораи соли таваллуди ў маълумоти хеле кам ба назар мерасанд. Аллома соли 944 милодӣ (333 ҳиҷрӣ) вафот карда, дар қабристони машҳури Чокардизаи Самарқанд ба хок супурда шудааст.

Нахуст таҳсили донишро аз падараш Муҳаммад ибни Маҳмуд, сипас дар Куттоб, ки дар сатҳи синфҳои ибтидоӣ таълим медод, пас аз он дар мадрасаи Кошӣ, масҷиди Работи Ғозиёни Самарқанд ба даст овардааст. Устодони Имом Мотурудӣ дар ташаккули ў ҳамчун донишманди баркамоли замони худ дар улуми динӣ нақши муҳим бозиданд. Аз устодони ў Абунаср Аҳмад ибни Аббос ибни Ҳусайни Иёдӣ, Абубакри Аҳмад ал-Ҷузҷонӣ, Нусайр ибни Яҳёи Балхӣ, Муҳаммад ибни Муқотил ар-Розӣ (ки қозии Рай буд) ва дигар шахсони маъруф ба шумор меравранд.

Имом Мотурудӣ шогирдон ва пайравони зиёде дошт, аз ҷумла Абуисҳоқ ибни Муҳаммад ибни Исмоил, Абулҳасан Алӣ ибни Сайид ар-Рустағфанӣ, Абумуҳаммад Абулкарим ибни Мусо, Абулайси Самарқандӣ, Абу-л-Муъин ан-Насафӣ, Сафари Бухорӣ, Наҷмиддин Умар ан-Насафӣ, Ас-Собунии Бухорӣ, Умари Ҳанафиро метавон зикр намуд.

Таъкиди он бамаврид аст, ки намояндаи дигари бузурги илоҳиёт дар мазҳаби суннӣ Имом Ашъарӣ буда, таълимоти ў бо номи «Ал-Ашъария» маъруф аст. Ҳарчанд ин ду алломаи бузург дар як замон зиндагӣ кардаанд, тибқи манбаъҳо ақидае роиҷ аст, ки онҳо ҳамдигарро аз наздик намешинохтанд. Дар таълими онҳо низ тафовути назаррас мавҷуд аст. Масалан, Мотурудӣ таълимоти худро дар асоси мазҳаби ҳанафӣ ва Ашъарӣ бар асоси мазҳаби Шофеъӣ ба вуҷуд овардаанд. Аммо ҳадафи аслии ҳарду аллома ва роҳҳои расидан ба он тақрибан муштарак аст.

Аз ҳаёти алломаҳои диёр

# МОТУРУДӢ – ИМОМИ МУТАКАЛЛИМОН

Ақидае, ки Имом ал-Мотурудӣ овардааст, бар ақл ва нақл, дурусттараш дар миёнаи инҳо бунёд ёфтааст.

Андешаҳои Абумансури Мотурудӣ дар соҳаи калом ва фиқҳ дар ду асар «Китоб ат-тавҳид» ва «Китоби таъвийлоти аҳли суннат» баён шуда, маълумоти муҳим дар ин хусус дар як қатор асарҳои баъди марги аллома ба таълимоти мотуридия бахшидашуда инъикос ёфтааст. Микдори осори Имом ал-Мотурудӣ ба понздаҳ мерасад ва асарҳои ба илми фиқҳ ва усули он бахшидашуда: «Китоб ал-ҷадал» («Китоб дар бораи диалектика»), «Китоб мо ахаз аш-шариъа» («Сарчашмаи асосҳои шариат») ба шумор мераванд.

Даврае, ки Имом Мотурудӣ зиндагӣ кард, дар бахшҳои мухталифи улум ва маърифати исломӣ, аз ҷумла илми калом давраи гулгулшукуфӣ, метавон гуфт, давраи тиллоии ин илм буд. Бо тақозои замон озодфикрӣ дар илму фан аҳамияти хоса пайдо мекунад ва олимон бар асоси дидгоҳҳои худ, озодона андешаҳояшонро дар бораи эътиқоди динӣ ва усулҳои он баён мекунанд. Ин, дар навбати худ, ба гурўҳ ва фирқаҳои мухталиф имкон дод, ки эътиқоди худро ба ҷонибдоронашон ошкоро баён кунанд. Маҳз дар ҳамин давра дар Мовароуннаҳр гурўҳ ва фирқаҳои гуногун ба вуҷуд омаданд, ки яке аз маъмултарини онҳо ҷараёни муътазила буд. Як зумра фирқаҳои баъд аз ў бавуҷудомадаи ҷаҳмия, қарамия, мурҷиъа ва дигар дар назарияи имон ва дониш ақидаҳои нодуруст доштанд. Аз ин рў, бо такя ба мероси илмиву маънавии Имом Мотурудӣ ҳифзи покии ақидаи исломӣ бар пояи далелҳои ақлӣ ва мубориза бо ин бидъатҳои аз роҳи ҳидоят гумроҳшуда муҳим аст.

Маҳз дар ҳамин замина ақидаҳои таълимоти аҳли суннат вал ҷамоат (сунниҳо) ба комёбиҳои назаррас ноил гардиданд. Дар охири асри IX имоми суннимазҳаб Абумансури Мотурудӣ дар Самарқанд, имом Абулҳасани Ашъарӣ дар Бағдод ва имом Абўҷаъфари Таҳовӣ дар Миср ба ақлу идрок, ки онро тарафдорони равияи муътазилия ба аслиҳаи худ табдил дода буданд, такя карда, аз эътиқоди суннимазҳаб ҳимоят намуданд. Онҳо барои асосноксозии нуқтаи назар ва ақидаи худ пеш аз ҳама ба далелу санадҳои ақлӣ такя намуда, ба пешравиҳои калон ноил шуданд.

Ба эътиқоди Имом Мотурудӣ, гуноҳҳо, аъмоли бади инсон бо хости Худованд (зеро Худованд ин корҳоро муқаррар кардааст), вале бидуни ризоияти ў сурат мегирад. Худованд инсонро бо додани озодиаш ба дасти худи ў офарид, яъне гарчанде ки аъмолашон пешакӣ муайян шуда бошад ҳам, ба инсон иродае додааст, ки баъзе корҳоро анҷом диҳад. Имом Мотурудӣ ин корҳоро "афъоли ихтиёрӣ" медонад, яъне инсон дорои озодии ирода мебошад. Ин андешаи бузурги Имом Мотурудӣ, ки ёздаҳ аср муқаддам баён доштааст, имрўз ҳам хеле муҳим буда, нишонаи он аст, ки имконоти ақлу тафаккури инсонӣ беохир аст. Дар ин раванд Имом Абумансури Мотурудӣ натанҳо ҳамчун пайрави хастагинопазири таълимоти Абуҳанифа, асосгузори мазҳаби ҳанафии мазҳаби суннӣ, балки ҳамчун асосгузори илоҳиёт дар равияи суннӣ низ шуҳрат пайдо кардааст. Ў, ба истилоҳ, алломаи бузургест, ки ба пирўзии ақидаи аҳли суннат ва-л-ҷамоат тавассути ақл ноил шудааст. Бояд гуфт, ки то Имом Мотурудӣ илми калом танҳо ба ривоят (нақл, ахбор) асос ёфта, андешаҳои худро баён мекард. Агар ба илми каломи пешниҳодкардаи Имом Мотурудӣ назар андозем, умдатан бар асоси ду сарчашмаи асосӣ: ақл ва нақл такя карда, амал намудааст ва аниқтараш, назарияи худро бар миёнаи ин ду сарчашма асоснок гардонидааст. Аз ин рў, таълимоти дини мубини исломи мо дар умури дин ва дунявӣ ақидаи мўътадил буданро ба миён гузоштааст. Дар ояти 143-юми сураи "Бақара"-и Қуръони Карим оварда шудааст: "Ҳамин гуна (яъне, мисли он ки ба роҳи ҳақ ҳидоят намудем), шуморо як миллати миёна (мўътадил, боадолат) кардем". Ҳикмати азалии Пайғамбарамон солла-л-Лоҳу алайҳи васаллам низ дар ин хусус аст: "Хойр ул-умури авсатуҳо" (ҳар корро миёнааш беҳтар аст).

Ҳаёт ва фаъолияти илмии донишманди бузурги илоҳиёт Абўмансур Мотурудӣ асосан дар зодгоҳаш Самарқанд сурат гирифтааст. Ў бар хилофи бисёре аз уламое, ки дар асрҳои миёна зиндагӣ кардаанд, ба хориҷа сафар накардааст. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки таълимоти ў, бахусус дар соҳаи илоҳиёт, дар замони аллома ба дигар кишварҳо васеъ паҳн нагардидааст. Барои муқоиса, яке аз уламои бузурги илоҳиёт, Имом Абулҳасани Ашъарӣ, асосгузори мазҳаби ашъарӣ, дар Бағдод кору зиндагӣ мекард ва ҳам ном ва ҳам таълимоти ў дар ҷаҳон машҳур аст.

Ҳатто дар асарҳои библиографӣ дар бораи ҳаёти Имом Мотурудӣ ва мероси илмии ў маълумоти хеле кам мавҷуд аст.

Ба тариқи мисол, ҳатто донишманди маъруфи араб оид ба таърихи фалсафаи ислом ва эътиқоди динӣ Абулфатҳ Муҳаммади Шаҳристонӣ (1076-1153) дар асари асосии худ «Ал-милал ван-ниҳал» («Динҳо ва тоифаҳо») дар бораи мактаби мотурудия ёдоварӣ накардааст.

Ҳарчанд дигар уламои муосири Абумансури Мотурудӣ низ таълимоти ўро аз таълимоти Ашъарӣ бартарӣ додаанд, мутаассифона, ба ў тақрибан эътибор надодаанд. Аз ин рў, Мотурудия дар ибтидо танҳо дар Мовароуннаҳр, асосан дар Самарқанд паҳн шуда буд.

Саҳми шогирдон ва пайравони Имом Мотурудӣ дар паҳн шудани таълимоти ў дар ҷаҳони ислом бузург буд. Абулмуъини Насафӣ (1027-1114) бешак аз зумраи донишмандоне буд, ки дар тафсири муфассали тамоми мазмуни таълимоти олим ва эътирофи он ҳамчун таълимоти воқеан муҳим саҳми бузург гузоштааст. Насафӣ, ки ҳаштод сол пас аз марги устодаш Абумансури Мотурудӣ ба дунё омадааст, дар «Табсират ул-адилла», «Баҳр ул-калом» ва «Китоб ат-тамҳид ли-қавоъид ат-тавҳид» навиштааст, ки каломи Имом Мотурудӣ дар асоси далелҳои илмӣ таълимоти худро муфассал баён карда, моҳияти онро шарҳ додааст.

Ин манбаи арзишманд, ки аз ҷиҳати ҳаҷм хеле калон аст (беш аз ҳазор саҳифа) дар ду ҷилд (ҷилди аввал соли 1990, ҷилди дуюм соли 1993) аз ҷониби Донишгоҳи илмии Фаронса оид ба омўзиши забони арабӣ дар Димишқи Сурия чоп шудааст.

Дар фаъолияти аллома дуруст шарҳ додани мазмуни ҳаётбахши дини мубини ислом — мубориза бар зидди бидъату хурофоти гуногун мавқеи махсус дорад.

**Фозил ШУКУРЗОДА,**
**устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд,**
**доктори фалсафа оид ба илмҳои филологӣ.**

Китобиёт

# МАҶМЎАИ НАВБАТИИ ШОИР ЧОП ГАРДИД

***Тавре ки дар шумораҳои пешинаи «Овози тоҷик» хабар дода будем, бо ташаббуси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ аз силсилаи «Накҳати сухан» китобҳои шоиру нависандагони номвари халқамон ба дасти чоп мерасад. Китоби сеюми силсила, ки ба қалами шоир, тарҷумон ва журналисти номвар Тўхтамиш Тўхтаев – Паймон тааллуқ дошта, аз тариқи хонаи табъу нашри «Тамаддун» ба дасти чоп расидааст, «Шабогард» ном дорад.***




Аз маҷмўа асосан шеър, рубоӣ ва дубайтиҳои шоир ҷой гирифтааст, ки муҳаббат ба кишвари азиз, модари дилсўз, табиати мафтункор, ифтихор аз гузашта, тараннуми ишқ, дўстиву садоқат мавзўъҳои асосии он мебошад.

«Паймон ошиқи шеър аст, ошуфтаи эҷод мебошад, – гуфтааст доир ба эҷодиёти шоир доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҳасан Қудратуллоев (равонаш шод бод!), – ... дар шеъри «Оқибат мерасам...» мақсади наҷиби муаллиф аз навиштани шеър равшан падидор мегардад. Ин мақсад на бо даъвои хушку холӣ, балки аз тариқи сатрҳои дилчасп ва пурбор ифода гардидааст:

*Оқибат мерасам ба он маънӣ,*
*К-он ба ҳарфу ҳиҷоям омезад.*
*Оқибат мерасам ба он шеъре,*
*К-аз вуҷудам вуҷуд ангезад.*

*Оқибат мерасам ба он... шак нест,*
*Варна чист ин, ки зиндагӣ ном аст?*
*Оқибат мерасам ба он... лошак,*
*Варна ҳар он чи гуфтаам, хом аст!»*

Бигузор, Паймони шоир ашъори дилхоҳашро эҷод кунад, ки ҳамеша манзури мардум бошанду вирди забонҳо.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



*Дар боғи истироҳатии «Анҳор» воқеъ дар пойтахт намоиши байналхалқии саноати бофандагӣ ва дўзандагию трикотаж – «Uz Textile Expo 2022» баргузор гардид. Аз ҷониби корхонаҳои маҳаллӣ ресмони калоба, газвор, матоъҳои трикотажӣ, маводи нобофта, гилемҳо, либосҳои мардона, занона ва бачагона барин маҳсулоти бофандагӣ, ки аз пахтаи Ўзбекистон тайёр карда шудаанд, тақдим карда шуданд.*

***Дар сурат**: лаҳзае аз намоиш.*

***Суратгир: О.ҒУЛОМОВ (ЎзА).***

Ба пешвози Рўзи Ғалаба

# ЗАХМҲОИ ҶАНГ ФАРОМЎШНАШАВАНДААНД

Ба бо ғалаба ба анҷом расидани Ҷанги дуюми ҷаҳонро 77 сол пур шуда бошад ҳам, захмҳои он фаромўш нашудаанд. Шоир барҳақ фармудааст:

*Он ҷангро дар таърих ҳамто набуд,*
*Ҷанги хунину бераҳмона буд...*

Соли 1942 Бўрони 18-сола низ дар қатори ҳамсолонаш ба ин ҷанги хунумонсўз даъват шуд. Модари меҳрубонаш гўшаи нонро ба ў газонда, бо ашки шашқатор даст ба дуо бардошт: "Худо меҳрубонӣ кунад, бо зафар баргард, баҷаҷонам!"

Бўрон Гадоев дар Украина, Назди Балтика, Молдава, Полша ... мардонавор ҷангид. Бо гурўҳи разведкачиён, якчанд фашистро ҳамчун "забон" дастгир карда ба штаб супурд. Ҷанг соли 1945 ба охир расида бошад ҳам, қаҳрамони мо як сол чун "сапёр" хизмат кард, майдонҳоро аз мина тоза кард.

Соли 1946 сарбаландона, бо шаддаи медалҳо ба Ватан, ба деҳаи Испанзаи ноҳияи Ургут баргашт. Оқибатҳои ҷанг, бўйи хунини он ба деҳаи дурдасти ў низ омада расида буд...

Ҳамин тариқ, Бўрон Гадоев 40 сол омўзгорӣ кард. Дар мактаби миёнаи 66-уми деҳа дар вазифаҳои ҷонишини директор, директор кор кард.



– Бо падарам якҷоя зиндагӣ мекунам. Ҳар гоҳ аз хотираҳои даҳшатбори ҷанг пурсон шавем, падарам намехоҳад нақл кунад. "Захмҳои ҷанг фаромўшнашавандаанд, вале намехоҳам ба хотир биёрам. Шукри замонаи осудаамон мекунам", мегўяд падарам. Аксарияти ордену медалҳояш дар муҳорибаҳо гум шудаанд. Тахти роҳбарии роҳбари давлат ҳукумати кишвар ба падарам ғамхорӣ менамояд. Соле як маротиба дар табобатгоҳҳо ройгон табобат мегирад, ба тамошои шаҳр ва берун аз он мебарояд, бо мукофотҳои моддиву пулӣ рағбатнок гардонда мешавад. Падарам офтоби осмони моянд, – мегўяд писари ҷанговар Собирҷон Гадоев.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**

***Суратгир: Р.ГАЛЕЕВ.***

***Ғояи «Модар ва тифл солим бошад, оила хушбахт, оила хушбахт бошад, ҷамъият мустаҳкам мешавад» дар доираи Стратегияи ҳаракатҳо ҷиҳати ба амал баровардани ислоҳот чун мизони асосӣ хидмат менамояд.***
***Хусусан, оиди боз ҳам такмил додани сохтори ҳифзи оила, модар ва тифл, ташаккули муҳити ҳурмату эътибори алоҳида нисбати модарон дар ҷамъият, тарбияи авлоди солим ва баркамол, пурзўрсозии ҳамкории мақомоти ҳокимияти маҳаллии давлатӣ ва созмонҳои ҷамоатӣ як қатор чораҳо ба амал баровада шуданд.***

Ҷиҳати эътибор он аст, ки ислоҳоти дар доираи ин стратегияи ҳаракатҳо оғозшуда идомаи рушди муттасили Стратегияи тараққиёти ба пешравии Ўзбекистони Нав дар солҳои 2022-2026 нигарондашударо низ муайян намудааст. Хусусан, тахти Стратегияи тараққиёт дар минтақаҳои дурдаст ба дараҷаи баланд ташкил кардани сохтори кумаки тиббии мақсаднок, баланд бардоштани самаранокии хидмати тиббие, ки ба модарон ва кўдакон расонда мешавад, боз ҳам беҳсозии кумаки амбулаторӣ, рушди кўмаки тиббии таъҷилӣ ва ихтисосонидашуда, ҷорӣ сохтани барномаи генетикаи тиббӣ ва скрининги замонавӣ барин мақсадҳо ниҳон мебошанд.

Бо қарори Президент «Дар бораи пурзўрсозии ҳифзи модар ва тифл дар солҳои 2022-2026», ки ба наздикӣ қабул гашт, самтҳои устувори мустаҳкамсозии саломатии модарон ва кўдакон дар панҷ соли оянда муайян карда шуд.

Баъд аз ин дар зинаи кумаки аввалин сохтори тандурустӣ профилактикаи бемориҳо байни модарон ва кўдакон, барномаи барвақт муайян кардани беморӣ ва солимгардонӣ ба амал татбиқ карда мешавад. Баробари ҳамин, оиди масъалаҳои тавлиди фарзанди солим, ривоҷ ва тарбияи тифл корҳои фаҳмондадиҳӣ пурзўр шуда, тавассути таъмини бепули кўдакон, занҳои ҳомила ва кўдакдор бо витамин ва минералҳо, чорабиниҳои скринингии пешбурди мақсадноки профилактикаи бемориҳо ба роҳ монда мешавад.

Дар натиҷаи ин комёбиҳо ҷиҳати пешгирии фавти модарон ва кўдакон бештар мегардад. Ба он ноил мегардем, ки бачаҳо, ки соҳиби фардои мо буда, ба оила хурсандӣ ҳадя мекунанд, бенуқс ба дунё меоянд ва ба камол мерасанд.

Нуқтаи назари депутат

# ПОСТҲОИ ПЕДИАТРӢ ТАШКИЛ КАРДА МЕШАВАНД

Баробари ҳамин, дар солҳои 2022-2026 объектҳое, ки навсозӣ гаштаанд, аз таъмири пурра баромада, базаи моддӣ-техникиашон мустаҳкам мешавад.

Дар он аз усулҳои баландтехнологии диагностикӣ ва инноватсионӣ самаранок истифода бурда мешавад. Ин дар навбати худ ба баланд бардоштани сифати хидматрасонии тиббӣ мусоидат менамояд.

То ҷамъбасти соли 2023 дар шаҳри Нукус «Кластери тиббии бачагон» ташкил карда мешавад. Дар 46 маркази перинаталии байниноҳиявӣ, ки аз нав ташкил мегарданд, шуъбаи реаниматсияи кўдакона на камтар аз 6 ҷой, аз 1 майи соли 2022 бошад, поликлиникаҳои марказии бисёрсоҳавии ноҳиявӣ-шаҳрӣ, ҳамчунин дар поликлиникаҳои оилавии шаҳри Тошканд шуъбаҳои бачагона ташкил карда мешаванд. Дар ин асос, дар иттиҳодияҳои тиббии ноҳиявӣ-шаҳрӣ дар доираи воҳидҳои штатии амалкунанда шуъбаҳои анестезиологӣ-реаниматсионӣ, ҳамчунин постҳои педиатрии хидмати шабонарўзи кумаки таъҷилии тиббӣ, дар Маркази тиббии илмӣ-амалии педиатрии ихтисосондашудаи ҷумҳурӣ оиди ташхиси барвақти ирсӣ-генетикӣ, аз ҷумла, бемории орфан лабораторияи Референс ва дар ҳудудҳо 17 лабораторияи минтақавии он ташкил карда мешавад.

Ин низ баҳри кам шудани фишори барзиёде, ки бинобар набудани шуъбаҳои реаниматсионии кўдакона дар ноҳия ва шаҳрҳо ба шуъбаҳои воқеъ дар маркази вилоятҳо расонда мешавад ва пешгирии овоoрагиҳои модароне, ки фарзанди бемор доранд ва дарёфти шифо хидмат менамояд.

Хусусан, аз 1 майи соли 2022 ба роҳ гузошта шудани сохтори хўроки бепул ба шахсоне, ки фарзандҳояшон дар Маркази гемотология, онкология ва иммунологияи клиникии бачагона муолиҷа мегиранд, бешубҳа, ба ҳазорҳо қалбҳои маҷруҳ равшанӣ мебахшад. Зеро, муолиҷаи давомноки бачаҳои бемор дар ин давр ба нигоҳубинкунандагон тазйиқи иқтисодӣ ва рўҳӣ меоварад.

Албатта, дар ҷараёни ин ислоҳот ба масъалаи кадрҳо низ эътибори алоҳида нигаронида мешавад.

Аз ҷониби нуқтаҳои шифокор ва поликлиникаҳои оилавӣ, ҳамчунин поликлиникаҳои марказии бисёрсоҳаи ноҳиявӣ (шаҳрӣ) барои фарогирии занҳои ҳомила ва занҳои синни таваллуд бо хидмати боз ҳам сифатноки тиббӣ аз 1 июли соли 2022 ба таркиби «бригадаҳои тиббиёт» барилова 3600, аз 1 январи соли 2023 сар карда боз 4900 штати ходимони тиббии миёна ҷудо карда мешавад. Бо мақсади дар вақташ ва сифатнок таъминсозии вазифаҳое, ки дар қарор муайян карда шудаанд, штаби ҷумҳуриявӣ «Оиди саломатии репродуктивӣ, масъалаҳои модар ва тифл», ҳамчунин фаъолияти 14 штати ҳудудӣ ба роҳ гузошта шуда истодааст.

Хулоса, вазифаҳое, ки дар қарор муайян шудаанд, дар баробари он ки дар кишварамон ислоҳотро бобати ҳифзи модар ва тифл ба зинаҳои нав мебароранд, бештар аҳамият касб менамоянд.

**Мавлуда АДҲАМҶОНОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**



# ДАСТПАРВАРИ ЭЛДОР РЯЗАНОВ

***Ба рӯзи таваллуди яке аз чеҳраҳои намоёни синамои ӯзбек Темурмалик Юнусов низ 80 сол пур мешавад. Вай дар асл зодаи Андиҷон. Дар Тошканд фаъолияти эҷодӣ ба роҳ гузоштааст. Душанбе низ барояш шаҳри бисёр азиз аст. Баробари забони модарӣ тоҷикиро дӯст медорад. Ба тоҷикон бисёр ҳамнону намак шудааст. Дар равнақи “Тоҷикфилм”, қадри тавон, ҳисса гузоштааст.***

Вай соли 1965 Институти театрӣ-рассомии Тошкандро хатм намуд. Барои кор ба Тоҷикистон роҳхат доданд. Ин ҳамон даврае буд, ки яке аз шоҳасарҳои “Тоҷикфилм” – “Ҳасани аробакаш” ба экран мебаромад.

Ду сол дар пойтахти тоҷикон кор кард. Чӣ тавр мехост ҳамнафас бо синамогарони он ҷо фаъолияташро идома бахшад. Вале як мактуб ба номи роҳбари онвақтаи студияи кино сабаб шуд ноилоҷ Душанберо тарк намояд.

Кӣ навишта буд он номаро? Падараш. Падар, бинобар тақозои шароити оилавӣ, илтимос мекард писарашро ба Тошканд фиристанд. Мактуб қонеъ гардонда шуд.

Темурмалик ба даргоҳи донишкадае рӯй овард, ки дар он таҳсил намуда буд. Вай дар ин ҷо то соли 1971 ҳамчун омӯзгор фаъолият бурд. Шогирдони зиёде, ки баровард, ба театр ва киностудияҳои гуногун роҳхат гирифтанд, оянда қисме аз онҳо мисли худаш ба дараҷаи устодӣ расиданд.

Баробари нақшофарӣ дар филмҳо ба режиссёрӣ таваҷҷуҳ дошт, аз беҳтарин коргардонҳои давр таҷриба омӯхт. Лаёқати коргардониашро ба эътибор гирифта, ӯро ба киностудияи “Ӯзбекфилм” таклиф намуданд. Чун режиссёр дар ин даргоҳ то соли 1979 кор кард.

Вале роҳбарони студия на ҳамеша ба вай эътибор менигаронданд. Кадрҳои мисли Темурмалик лаёқатнок башумор, дар як сол чанд филм ба сурат бардошта мешуд, вале қаҳрамони лавҳаи моро лозим меомад дурудароз навбат пояд. Мегуфтанд сабр кун, филм медиҳем, вале филмҳо асосан ба онҳое мерасиданд, ки аз “санъати мумомила” бо роҳбарон бештар бархурдоранд.

Ба қадри худ месӯхт. Як дил кард ба Маскав равад, хонад. Вале синнаш ба ҷое расида ва ӯ кайҳо оиладору падари чанд фарзанд. Дар Тошканд истодан, расидани “насиба”-ро нигарон мондан низ тоқатфарсо тофт ба назараш. Ҳар чӣ бодо бод, гуфту ба Маскав роҳ пеш гирифт. Ба курси олии режиссёрӣ ва киносенариянависӣ ҳуҷҷат супурд. Аз имтиҳони устодони сахтгир сарбаланд гузашт. Вале қабул шуд ё не, маълум набуд. Гуфтанд ба Тошканд баргард, коратро давом деҳ, лозим шавад ҷеғ мезанем.

Ба ҷои кори пештара омад, фаъолияташро давом дод, вале ҳушу хаёлаш ба Маскав. Чаро хабаре нест? Наход орзуҳояш сароб гарданд?

Дарбони студияро ҳам, ки одатан хабару мактубҳо ба вай мерасиданд, безобита мекард. Дарбон гуфт: “Агар қабул мешудӣ, албатта, хабар медоданд. Модоме хомӯшист, умедатро кан”.

Вале умед кандан осон намекӯчид. Ба душвории шароити оилавӣ нигоҳ накарда, чӣ қадар мехост курси олии режиссёриро хатм намояд. Ниҳоят, телеграмма расид аз Маскав: “Биё”.

Аз хурсандӣ ба худ намеғунҷид. Дарҳол студияро аз навигарӣ хабардор сохт ва ариза навишт, ки бинобар хонданравиаш сабукдӯш намоянд.

Ҳамин тавр, ду соли ҳаёти Т. Юнусов дар яке аз даргоҳҳои номвари ба санъати кино алоқаманд гузашт. Самаранок буд ҳар соати умраш дар Маскав. Дар устохонаи Элдор Рязанов нозукиҳои санъати коргардонӣ омӯхт. Ҳамагӣ дар атрофи сад сӯм стипендия медоданд, ки барои як нафар базӯр мерасид. Ҳол он ки вай оиладор, фарзандҳо се нафар. Ҳамин тавр бошад ҳам баракаташро диҳад мегуфту бардошт мекард, ба худ ифтихор менамуд устодаш яке аз коргардонҳои ба назар намоёни давр, ки хусусан филмҳои мазҳакавиаш экранҳои дунёро забт кардаанд. Элдор Рязанов шогирдони истеъдоднокро ҳамеша зери қанот мегирифт, дар ҳар ҳолат дастгирӣ менамуд. Маҳз бо ҳидояти ӯ Темурмалик муваффақ шуд дар мелодрамаи “Вокзал барои ду нафар” нақш бозад. Чиҳил сол бештар аст ин филм дар оинаи ҷаҳони Ӯзбекистон низ батакрор намоиш меёбад. Т. Юнусов нақши харбузафурӯшро бозидааст.

Баъди адои таҳсил Т. Юнусов ба Тошканд омада, чун коргардон дар ҷои кори пештарааш фаъолияташро идома бахшид. Чанд филми бадеӣ ба сурат гирифт. Аз байни онҳо, хусусан, “Бачаҳо аз Танга” (нақши асосиро Достон Убайдуллоев бозидааст) ва “Авлиёи галатеппагӣ” (дар нақшҳои марказӣ Ҳамза Умаров, Ҳусан Шарифов ва Сайрам Исоева) барои мо шинос. Филмҳои ҳуҷҷатии чун коргардон офаридааш низ қобили таваҷҷуҳ. “Суруди фаромӯшнашуда” ва “Бозиҳои форишӣ” бештар таваҷҷуҳи умумро ба худ кашиданд.

Солҳои 1986-1991 Т. Юнусов ба студияи 5-уми таҷрибавӣ сарпарастӣ намуд. Дар солҳои 1996-2001 роҳбари “Ӯзбеккино” ва раиси Иттиҳоди кинематографистони Ӯзбекистон буд. Студияи “Водифилм”-ро низ чанд муддат сару бар гашт.

Фаъолияти эҷодии зикршуда хеле барвақт ҳамчун актёр оғоз ёфта ва чандон нақши бисёр набозида бошад ҳам бо образҳои ҷолиб дар хотири тамошобинҳо монд. Вай ба олами кино бо нақши Раҳмат аз картинаи “Панҷ нафар аз Фарғона” ворид шудааст. Дар “Ин ҷавони бошараф”, “Бахти дигарон”, “Панҷ нафар бегона”, “Роҳҳои пуроташ” ва “Ватан” барин картина ва филмҳои бисёрқисмата нақшҳои гуногун бозидааст. Дар “Рӯзҳои гузашта”-и Абдулло Қодирӣ (коргардон Йӯлдош Аъзамов) образи ҷавонии Худоёрхонро басо хотирмон офарид.

Ӯ ду бор хонадор шудааст. Вай бо се фарзанд аз рафиқаи аввалаи ҳаётиаш ҷудо шуд, вале зану шавҳар онҷунон “бамуросо” никоҳи худро бекор карданд, ки касон ҳайрон монданд. Баъди суд ҳамроҳ ба хона омаданд. Темурмалик гуфт: “Биё, бори охир дар ресторан таоми шом мехӯрем”. Рафиқаи акнун “собиқ” рад накард. Асное паҳлуи миз суҳбаткунон менишастанд, довари ақди никоҳашонро бекоркарда пайдо шуда монд. Ба чашмони худ бовар накард: “Ҳамин тавр ҳам мешавад?”

Т. Юнусов аз зани дуюмаш як духтар дорад. Ба соярӯшаниҳо нигоҳ накарда, ӯ аз тақдир ва ҳаёти оилавиаш мамнун. Чун актёр ва коргардон низ хушбахт ҳис мекунад худро, ки дар синамо аз худ чизе гузошт. Бо чӣ қадар бузургмардони олами санъат аз як ҳаво нафас кашид. Меҳнаташ бо медали “Шуҳрат” ва ордени “Меҳнат шуҳрати” қадр гардид.

Душанбе, айни вақт, бо хотираҳои хуш дар қалби Темурмалик монд. Сабақи эҷодӣ дар мактаби Борис Кимёгаров, Маҳмуд Тоҳирӣ, Аслӣ Бурҳонов, София Тӯйбоева, Гурминҷ Завқибеков, Маҳмуд Воҳидов барин ҳунарварони нотакрор дар ҳамчун актёр ва коргардон тавфиқ ёфтани вай нақши муҳим бозид.

**М. ШОДИЕВ**

# ПИСАРИ ШОИРИ НОМДОР ДАР САМАРҚАНД

***Дар моҳи шарифи Рамазон, ки ёдоварии гузаштагон ва ҳолпурсии дӯстон воҷиб аст, писари устод Лоиқ Шералӣ – соҳибкор Диловар Лоиқзода бо ҳофизи номдор, шогирди Ҷӯрабек Муродов – Шомурод Тағоев ба Самарқанд омад. Онҳоро сарояндаи маҳбуб, пайрави Ҳоҷӣ Ҷӯрабек Муродов дар Самарқанд Ҳасанҷон Нуруллоев роҳбаладӣ кард.***

Меҳмонон нахуст ба хонаи рӯзноманигор ва бостоншиноси варзида, собиқ сарвари Маҷмӯи Регистон, шодравон Беҳрӯз Маъруфӣ, ки соли гузашта аз бемории “Ковид 19" нобаҳангом вафот кардааст, рафта ба аҳли оилаи марҳум ҳамдардӣ изҳор карданд.

– Раҳматӣ Беҳрӯз Маъруфӣ инсони комил, дилёбу дарёдил, саховатманду савобталаб буд, – бо оҳи бадард лаб ба сухан кушод Диловар Лоиқзода, – аҷаб, қисмат будааст, ки падараш – олими суханшинос Рауф Маъруфӣ бо падарам, ҳамсари табибаш бо завҷаам, худаш бо ман риштаи дӯстиро мустаҳкам намуда буд. Марги ӯро шунида сахт андӯҳгин шудему аз сабаби карантин дар маросими ҷанозаи ӯ ширкат варзида натавонистем. Ҳоло сарҳади Тоҷикистону Ӯзбекистон кушода шуду барои ҳамдардӣ омадем.

Рӯҳашон шод ва хонаи охираташон обод бод.

Сипас Диловар меҳмони идораи рӯзномаи “Овози Самарқанд” буд. Он ҷо бо эҷодкорон шинос шуд.

Суҳбат бо ҷамоаи рӯзнома ба қавле қаймоқ баст.

– Соли гузашта бо ташаббуси рӯзномаи мо ва Маркази фарҳанги тоҷикони вилоят ба муносибати 80-солагии устод Лоиқ Шералӣ дар мактабу Донишгоҳи давлатии Самарқанд чорабиниҳои гуногун ба вуқӯъ пайваст, – иброз дошт муҳаррир Баҳодури Раҳмон. – Шоирону нависандагони барҷастаи вилоят, ки бо устод Лоиқ Шералӣ шинос буданд, хотираи хешро ба ҳам диданд, мухлисонаш аз эҷодиёти соҳибҷашн шеърҳо қироат карда, рӯҳашро шод намуданд.

– Воқеан, падари бузургвори ман ба шаҳри бостонӣ эҳтироми хоса доштанд,– бо ҳисси шодмонӣ гуфт Диловар. – Қиблагоҳам нақл мекарданд, ки бобокалони моён аз Даҳбеди Самарқанд будаанд ва бо амри тақдир сокини деҳаи хушҳавои Мазори Шарифи Панҷакент шудаанд. Падар ҳар гоҳ ба шаҳри Самарқанд меомад, бо як олам таассурот бармегашт.

Ба шаҳри шумо бахшида шеъру ғазалҳои дилнишину гуворо навиштаанд.

Дар поёни вохӯрӣ муҳаррири рӯзномаи «Овози Самарқанд» чанд номгӯй асарҳои ҷолиби диққатро, ки зери рукни «Аз китобхонаи рӯзнома» чоп шудаанд, пешкаши меҳмонони олиқадр намуд.

Сипас, меҳмонони панҷакентӣ Диловар Лоиқзода ва Шомурод Тағоев бо фаъолияти рӯзномаи «Гулобод тонги» шинос шуданд.

– Яке аз дӯстони ман Озод Ҳамидзода низ фарзанди ноҳияи шумоянд, – бо самимият изҳор дошт Диловар Лоиқзода. – Фикр мекардам, он касро дар ҳамин идора мебинам.

– Ин кас ҳамсари Озод Ҳамидзода, масъули саҳифаи тоҷикӣ, шоираи баҷаҳо – Дилрабо Насимӣ! – ходими идораро шиносонд муҳаррир Нормурод Каримзода.

– Ҳамсарам Озод Ҳамидзода аз айёми бачагӣ мухлиси Лоиқ Шералӣ ҳастанд, – гуфт Дилрабо Насимӣ, – ба эҳтироми устод ва орзуҳои зиёд номи писарамонро Лоиқ гузоштем. Духтарамон – Фарзона донишҷӯи факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд аст. Фарзанди сеюмамон Шукрона аллакай бисёр шеърҳои Лоиқ Шералӣ ва Фарзонаро аз ёд медонад. Дар озмунҳои Лоиқхонӣ ғолиб омадааст.

– Афсӯс, ки қобилияти шоирӣ надорам, – бо лабханди зебо гуфт меҳмон, – вале ба қавли Носири Хусрав:

*Ҷаҳонро хуррамӣ аз*
*деҳқон аст,*
*Аз ӯ гаҳ заръ,*
*гоҳе бӯстон аст.*

Аз ин рӯ, касби пуршарафи бобоӣ – деҳқонӣ пешаи ман буда, ҳоло соҳибкор ҳастам. Дар тасарруфам чанд гектар майдони обёрӣ буда, бо боғбонӣ ва деҳқонӣ машғул ҳастем.

Ифтихори мо – тоҷикон аз он аст, ки падари бузургворам дар шаҳру ноҳияҳои тоҷикнишини Мовароуннаҳр мухлисони зиёд доранд.

– О, яке аз онҳо ман мебошам, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд Нормурод Каримзода, – дар ҷевони китобам асарҳои устод Лоиқ Шералӣ «Илҳом», «Нӯшбод», «Ҷоми Хайём», «Хоки ватан”-ро дорам. Дар мактаби миёнаи рақами 12 (собиқ 95) аз устод Лоиқ Шералӣ дастхат гирифта будам. Аз ҳама муҳимаш, ба чанд ғазали бузургвор мухаммас бастаам.

Меҳмон таҳти роҳбаладии раиси ҷанговарони байналмиллалии вилояти Самарқанд Эркин Мавлонӣ дар ифтори ҳофизи номдори Самарқанд Ҳасани Нуруллоҳ иштирок карданд ва рӯзи дигар бо ёдгориҳои таърихии Самарқанд шинос шуданд.

Мо меҳмони олиқадри тоҷикро ба шаҳри Панҷакент гуселкунон беихтиёр дубайтии машҳури Лоиқ Шералиро, ки ба фарзандонашон Диловар, Ромиш, Сомон ва гулдухтари меҳрубонаш бахшида шудааст, ба хотир овардем:

*Аламбардори номи ман*
*ту бошӣ,*
*Паёми ман, давоми ман*
*ту бошӣ.*
*Бимирам сарбаланд,*
*эй тифли фардо,*
*Агар қоиммақоми ман*
*ту бошӣ...*

**Тошпӯлод ЮСУПОВ,**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# ЯРМАРКАИ МЕҲНАТ ТАШКИЛ КАРДА ШУД



***Ба манзури таъмини кор барои фориғуттаҳсилони солҳои 2021-2022-и Донишгоҳи Пучони Тошканд, ки дар ҳамкорӣ бо Кореяи Ҷанубӣ таъсис ёфтааст, ярмаркаи меҳнат ташкил карда шуд. Дар ин ҷо ҳамзамон бо як гурӯҳ кордиҳандагон мулоқоти ошкорову самимӣ баргузор гардид. Кордиҳандагон дар бораи ҷойҳои холӣ ё вакансияҳои корхонаҳои марбути онҳо ба донишҷӯён маълумоти возеҳ тақдим намуданд.***

– Аз моҳи феврали соли равон дар донишгоҳи мо Маркази карера ба фаъолият шурӯъ намудааст, ки бо ҷавонони хатмкунанда кор мебарад. Он талош ба харҷ медиҳад, ки ин ҷавонон саривақт ба кори дилхоҳи худ таъмин гарданд. Барои ҷавонони хатмкунанда шароит дар марҳилаи таҷрибаомӯзӣ низ хеле хуб фароҳам оварда мешавад, – мегӯяд ректори донишгоҳ Виктор Нам. Вай меафзояд, ки ин донишгоҳ бештар кадрҳое тайёр мекунад, ки баъди хатм онҳо дар муассисаҳои таълими томактабӣ машғули кор мешаванд. Соли гузашта 393 нафар ҷавонони донишҷӯ аз шаҳру ноҳияҳои мухталифи Ӯзбекистон ин донишгоҳро тамом кардаанд ва ба роҳи васеи зиндагӣ раҳсипор гардидаанд.

Гуфта мешавад, дар чаҳорчӯби ин ярмарка ба хатмкунандагони донишгоҳ имконият фароҳам оварда шуд, ки худашон бевосита бо кордиҳандагони муваффақ вориди суҳбату мулоқот шаванд ва дар бораи худашон низ ба онҳо маълумотҳои саҳеҳ тақдим кунанд. Инчунин онҳо муваффақ хоҳанд шуд, ки маҳз дар ҷои кори нави худ барои таҷрибаомӯзӣ фиристода шаванд ва дар ин бора маъмурияти донишгоҳро огоҳ созанд.

Интизор меравад, ки аллакай як гурӯҳи калони хатмкунандагони донишгоҳ ҷойи кори худро муайян кардаанд. Ба ин албатта, маҳз ташкили ярмаркаи меҳнат хеле мусоидат намудааст.

**Шаҳноза ТӮРАЕВА,**
**мутахассиси бахши матбуоти Вазорати таълими томактабии Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

## Риштаҳои дӯстӣ

***Бо ташаббуси сарвари давлатамон кӯмаки иқтисодӣ-иҷтимоӣ расонидан ба ноҳияи Нукуси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ба зиммаи вилояти Самарқанд гузошта шудааст. Дар асоси он Барномаи ободонӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардуми ноҳияи мазкур барои солҳои 2022-2024 тасдиқ гардид.***

# ТАҶРИБАИ УРГУТ ДАР ҚАРОҚАЛПОҚИСТОН

Бо ҳамин муносибат тадбиркорони минтақаи озоди иқтисодии Ургути вилояти Самарқанд бо корчаллонҳои маҳаллии ноҳияи Ургут ҳамкории иқтисодиро ба роҳ гузоштанд.

Тадбиркори ҷавон, роҳбари корхонаи «Ургутсаноатсервис» Маҷидхон Исломов, ки ба истеҳсоли куртаҳои мардона машғул аст, ба ҷавонони қароқалпоқ роҳи сармоя ёфтанро меомӯзонад, аллакай ба муваффақиятҳо соҳиб гашт.

– Ман чанд маротиба ба ноҳияи Нукус сафар намудам, – гуфт Маҷидхон Исломов. – Бо шахсоне, ки ҳаваси тадбиркор шуданро доранд, вохӯрда, аз таҷрибаи хеш нақл намудам. Онҳо ба фаъолияти ман мароқ зоҳир карда, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки бизнеси худро ба роҳ гузоранд. Хушбахтона, давлатамон ба кредит гирифтан кӯмак расонда, имрӯзҳо якчанд нафар бо тадбиркорӣ машғуланд.

Яке аз тадбиркорони ҷавону умедбахш Элмурод Норбоев буда, вай пас аз шинос шудан бо Маҷидхон Исломови ургутӣ дар ноҳияи Нукус сехи куртадӯзӣ хоҳад кушод. Инчунин, як гурӯҳ аҳли фарҳангу санъат низ ба ин ноҳия ташриф фармуда, зери шиори «Ҷавонони Ӯзбекистон, муттаҳид шавем!» анҷумани бошукӯҳ гузарониданд.

Сарвари шуъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Тошпӯлод Тугалов бо чанд нафар адибу шоирони самарқандӣ дар мактаби бачагонаи санъат ва мусиқаи рақами 15-уми ноҳияи мазкур вохӯрӣ ба вуқӯъ пайваст.

– Дар асоси ғояи панҷ ташаббуси сарвари давлатамон ба санъат диққати махсус дода мешавад, – гуфт Артисти халқии Ӯзбекистону Тоҷикистон Мардони Мавлон. – Шахсан ман дар ноҳияи Нукус ба он бовари амиқ ҳосил кардам. Ҷавонон бо завқ сурудҳои тоҷикиро низ гӯш карда, кафкӯбӣ намуданд. Саволу ҷавобҳо ба вуқӯъ пайваст, ки ҳозиронро ташрифи мо бефарқ нагузошт. Умед дорам, ки сӯҳбати ошкоро ва дилнишин барои ба саҳна омадани санъаткорони ҷавон хидмат хоҳад кард.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170. Фармоиши 2 Г-525. Адади нашр 4817 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.